Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу Хироҷ

№5 (1206)

Панҷшанбе, 30 январи соли 2020

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ПРЕЗИДЕНТ**



Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Сада

саҳ.2

# Маъмурикунонии андоз аз даромад аз ҳисоби иҷораи молу мулк

**Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз дар мақомоти ҳудудии андоз модули алоҳидаи барномаи компютерӣ таҳия ва мавриди истифода қарор гирифт**



ДИҚҚАТ!!! * ДИҚҚАТ!!!

**ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ» БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД**

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Идораи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» имконияти моддию молиявии обунашавандаҳоро ба назар гирифта, нархи обунаи яксолаашро 65 сомонӣ муқаррар намудааст, ки нисбат ба нархи обунаи аксар рӯзномаҳои кишвар арзонтар аст.

65 СОМОНӢ
НАРХИ ЯКСОЛАИ ОБУНА



**Суроғаи мо:** ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе. **Телефон:** 44-600-41-76

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе.

**ТАҲЛИЛ ВА МУҚОИСА**

## Назорати камералӣ дар қонунгузории ИДМ

Тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати камералӣ шакли назорати андоз аст

с. 5

**ШАРҲИ МУТАХАССИС**

## Андоз аз воситаҳои нақлиёт

Киҳо ин намуди андозро пардохт мекунанд?

с. 8

**РУШДИ СОҲИБКОРӢ**

## Тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ

Ба роҳ мондани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ ба андозсупорандагон самти муҳими фаъолияти мақомоти андоз

с. 9

**МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ**

## Роҳҳои такмилдиҳии механизми низоми андозситонӣ

Низоми андозбандӣ яке аз фишангҳои асосии танзими низоми молиявӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ

с. 13

# Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Сада



**Ҳамватанони азиз!**

Истиқлоли давлатӣ барои мардуми куҳанбунёди тоҷик имкони таърихие фароҳам овард, ки анъанаҳои фарҳангӣ ва ҷашнҳои миллии худро дар шаклу муҳтавои наву замонавӣ эҳё ва таҷлил намоянд.

Ҷашнҳои аҷдоди ориёии мо, ба монанди Садаву Наврӯз, Тиргону Меҳргон бозтоби пайванди инсону табиат, ойинҳои вобаста ба корҳои кишоварзӣ, инчунин, ҳунармандӣ буда, беҳтарин ғояҳои инсонӣ моҳият ва муҳтавои онҳо мебошанд.

Ин ҷашнҳои бостонӣ ба чаҳор фасли сол рост омада, гиромидошти унсурҳои муайяни табиат дар маркази ҳар яке аз онҳо қарор дорад. Яъне мардуми мо аз замонҳои бисёр қадим дар ҳар фасли сол ҷашну ойинҳои хос доштаанд.

Гузаштагони мо барои талқини заҳматдӯстӣ, рушди кишоварзӣ ва арҷгузорӣ ба заҳмати одамон ин ойинҳоро таҷлил карда, умеду орзу ва нияту ҳадафҳои худро дар доираи онҳо ифода мекарданд.

Сада дар саргаҳи ин ҷашнҳои миллӣ қарор дошта, он пеш аз ҳама, кишоварзонро аз оғози омодагӣ ба кишту кор, яъне тайёрӣ ба баҳор хабар медиҳад.

Ин ҷашни бостонӣ фардо фаро мерасад, ки ба ин муносибат, ҳамаи ҳамватанони азизро табрик гуфта, барояшон саломативу хушбахтӣ ва барори кор орзу менамоям.

Ҷашни Сада ҳамчун рамзи хуррамиву ободӣ, тандурустиву шодкомӣ ва дуркунандаи зиштиву нопокӣ аҳаммияти баланди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дорад.

Ба нақли ҳаким Фирдавсӣ ҷашни Садаро бори нахуст шоҳ Ҳушанг ба муносибати кашф шудани оташ барпо кардааст.

Тибқи тақвимҳои халқии тоҷикӣ ҷашни Сада ба анҷоми чиллаи калон, ки авҷи сардии табиат аст, рост меояд. Баробари ба поён расидани он аҷдоди мо шодиву хурсандӣ карда, ба истиқболи Наврӯз омодагӣ медиданд.

Онҳо якдигарро бо фарорасии ин ҷашн табрик гуфта, хони зебо меоростанд ва орзу мекарданд, ки аз баракати он ба диёрашон фасли бобарору фаровонӣ қадам гузорад, сардӣ дур шуда, гармиву серобӣ фаро расад.

Ҷашни Сада дар тӯли таърих борҳо ба мухолифати мутаассибон дучор шуда, нисбат ба Наврӯзу Меҳргон як андоза камранг доир мегардид.

Танҳо ба шарофати озодиву Истиқлоли давлатӣ мо онро эҳё кардем ва соли панҷум аст, ки дар кишвари мо ин ойини мардумӣ ҷашн гирифта мешавад ва дар рӯзҳои баргузории он намоиши ниҳолҳо, меваю сабзавот, навъҳои гуногуни таомҳои миллӣ ва таҷҳизоту техникаи кишоварзӣ ба роҳ монда шуда, маҳсули заҳмати деҳқонону ҳунармандон ба маърази диққати мардум гузошта мешавад. Ҳамзамон бо ин, бозиҳои мардумӣ, мусобиқаҳои варзишӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ доир мегарданд.

Ин маъракаи воқеан халқӣ моро водор месозад, ки омодагиро ба фасли баҳор оғоз намоем, ҷӯю заҳбурҳоро тоза кунем, ниҳолҳои мевадору ороишӣ шинонем ва тухмии серҳосил интихоб кунем.

Дар баробари ин, аз корҳои кишоварзии соли гузашта натиҷагирӣ карда, аз ҳозир барои рӯёнидани ҳосили фаровон ва боз ҳам беҳтар гардонидани таъминоти сокинони кишвар бо маҳсулоти озуқа замина гузорем.

Бовар дорам, ки эҳёву таҷлили ҷашни Сада ҳамчун рамзи истиқболи фасли нуру гармӣ, некиву саховатмандӣ, сарҷамъӣ ва ваҳдати кулли шаҳрвандон дар густариши корҳои ободониву созандагӣ ва хуррамиву пешрафти Тоҷикистони азизамон нақши муассир гузошта, дар оғози сол чун паёмовари Наврӯзи оламафрӯз ба зиндагии мардуми шарифи Тоҷикистон муждаи хуррамиву хушбахтӣ хоҳад овард.

Бо чунин ниятҳои нек, бори дигар кулли мардуми шарифи кишварро бо фарорасии ҷашни бостонии Сада самимона табрику муборакбод гуфта, ба хонадони ҳар як фарди Ватани азизамон сулҳу сафо, файзу баракат ва бахту иқболи баланд орзу менамоям.

**Ҷашни Сада муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# Ба танзим даровардани андоз дар соҳаи нақлиёт

**Бо мақсади назорати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», инчунин санҷиши дурустии ҳисоб ва пардохти андоз аз воситаҳои нақлиёт, ҳолати бақайдгирӣ ва андозбандии иҷрои воситаҳои нақлиёт ва дар муҳлатҳои муқарраргардида аз муоинаи ҳатмии давлатии техникӣ гузаштани воситаҳои нақлиёт тибқи Амрномаи сардори Раёсати андози вилояти Суғд аз санаи 24-уми октябр то 25-уми декабри соли 2019 санҷиши амалиётии Гурӯҳи корӣ дар соҳаи нақлиёт гузаронида шуд.**

Роҳбари Гурӯҳи корӣ, мутахассиси пешбари бахши таъмини ҳуқуқии Раёсати андози вилояти Суғд Абдувоҳид Ҷӯраев қайд намуд, ки санҷиши амалиётии мазкур дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бӯстон, Гулистон ва Бобоҷон Ғафуров гузаронида шуд.

Зикр шуд, ки аз рӯи натиҷаҳои соли 2019 нақшаи ҷамъоварии андоз аз воситаҳои нақлиёт дар вилоят 104,7 фоиз таъмин гардида, ба буҷети давлатӣ аз ин ҳисоб 75418,7 ҳазор сомонӣ маблағ ворид шудааст. Маблағҳои воридшуда аз ин намуди андоз нисбат ба нақша 3375,7 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Ҳамаи 18 шаҳру ноҳияи вилоят нақшаи пешбинишударо иҷро намудаанд. Бо вуҷуди иҷро гардидани нақша дар ин самт камбудиҳо ва қонуншиканиҳо, аз ҷумла дар соҳаи кашонидани бор ва мусофирон, гузаштан аз муоинаи техникӣ ба назар мерасанд.

Дар рафти санҷиши амалиётӣ дар давоми 2 моҳ камбудиҳо дар соҳаи нақлиёт ошкор карда шуданд. Аз ҷумла нисбати 121 нафар шахси воқеӣ барои фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ, яъне бидуни қайди давлатӣ дар мақомоти андоз, ба маблағи наздик 200 ҳазор сомонӣ мутобиқи моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардид. Дар 181 ҳолат нагузаштан аз муоинаи техникӣ ва напардохтани андози нақлиёт муайян ва 140 ҳазор сомонӣ маблағи андозҳо рӯёнида шуданд.

Дар натиҷаи фаъолияти Гурӯҳи корӣ 121 нафар бо патент - ҳуҷҷати тасдиқкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ таъмин гардиданд. Ҳамин тавр, тибқи маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ ба санаи 25-уми декабри соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бӯстон, Гулистон ва Бобоҷон Ғафуров 246 нафар соҳибкори дар соҳаи нақлиёт фаъолиятдошта бо патент таъмин гардиданд. Дар ҷараёни санҷиши амалиётӣ, инчунин, аз соҳибкороне, ки ба кашонидани бор ва мусофирон машғул буданд, ба маблағи 32100 сомонӣ қарзи андоз ситонида шудааст.

Гурӯҳи корӣ дар рафти санҷиши амалиётӣ, ҳамзамон, байни ронандагоне, ки тавассути нақлиёти автомобилии худ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул ҳастанд, корҳои фаҳмондадиҳӣ гузарониданд. Таъкид шуд, ки соҳибкорон бояд талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори марбутаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Коҳишёбии бақияпулиҳо

Нозироти андоз дар шаҳри Хоруғ нақшаи солонаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрбуҷетӣ ба андозаи 104 фоиз таъмин намуд. Нақшаи қисми даромади буҷет бе дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 113 фоиз ба иҷро расонда шуд ва зиёда аз нақша ба буҷет 515 ҳазор сомонӣ ворид гардид. Дар ин давра нозироти андози шаҳр танҳо аз уҳдаи иҷрои андоз аз арзиши иловашуда баромада натавонист. Дар натиҷа ба буҷети шаҳр 2,3 миллион сомонӣ ворид нагардид.

Сардори нозироти андози шаҳр Фахриддин Муҳиддинов гуфт, ки яке аз сабабҳои асосии ноиҷро мондани ин намуди андоз коҳиш ёфтани ҷараёни корҳо дар биноҳои сохташаванда мебошад. Ба иллати сардии ҳаво ва таҷрибаи солҳои қаблӣ бинокорон қарор доданд, ки ду моҳ корашонро қатъ намоянд. Зеро сардии аз ҳад зиёд ба сифати корҳои сохтмонӣ таъсири бад мерасонад ва ба гуфтаи бинокорон баъди фаро расидани гармӣ имкони хароб гардидани биноҳо аз эҳтимол дур нест.

Аммо баъзе аз ширкатҳои сохтмонӣ ба сабаби ба таъхир афтодани маблағгузорӣ имкони сари вақт пардохт кардани андозҳоро пайдо накарданд.

Яке аз муваффақиятҳои нозироти андози шаҳр дар соли гузашта ин буд, ки бақияи қарзи андоз на танҳо аз афзоиш боздошта шуд, балки ба қадри имкон коҳиш ҳам дода шуд. Дар ин сол ба мақсади кам кардани бақияи қарзи андоз зиёда аз 20 мулоқоти расмию ғайррасмӣ бо шахсони ҳуқуқию воқеӣ баргузор гардиданд. Қарздорӣ ва оқибатҳои ногувори он барои пешрафти ҳаёти иҷтимоии кишвар ва шаҳрвандон шарҳу тавзеҳ дода шуд. Ба худи онҳое, ки ба соҳибкорӣ машғуланд ва мехоҳанд, ки фаъолияти худро боз ҳам густариш диҳанд, қарздорӣ монеаи бузург эҷод мекунад ва то муфлисшавӣ бурда мерасонад. Пас аз ин дидору гуфтугӯ нисбат ба аввали соли гуашта бақияи қарз ба маблағи 112,5 ҳазор сомонӣ кам гардид. Дар маҷмӯъ, аз ҳисоби соҳибкорон ба буҷет зиёда аз 3,5 миллион сомонӣ ворид шуд

Ба гуфтаи сардори нозироти андози шаҳр дар замони муосир ҳар як андозсупоранда бояд ҳангоми ҳисоббаробаркунии нақдӣ бо шаҳрвандон аз мошини назоратӣ - хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ истифода намоянд. Моддаҳои 38 ва 39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ...” низ муваззаф намудааст, ки аз чунин технологияи ҳозиразамон истифода кунанд.. Соли гузашта 40 нафар аз соҳибкороне, ки марказҳои калони хизматрасонӣ доранд, дархости насби мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ карданд ва нозироти андози шаҳр онҳоро бо МНХ таъмин кард. Яъне дар соли гузашта 40 нафар соҳибкор пурра бо мошинҳои назоратӣ хазинавӣ таъмин шуданд.

**Довари БОВАР**

# Муоинаи хронометражӣ

## воситаи ошкорсозии андозҳои пинҳонӣ

Мутобиқи маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси муқаррароти Кодекси андоз, Нақшаи тасдиқшуда ва дархостҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бо риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ” дар соли 2019 дар фаъолияти зиёда аз 1800 шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ санҷиши риояи қонунгузории андоз гузаронида шудааст. Дар натиҷа, ба маблағи 511,0 млн. сомонӣ ҳолатҳои кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор гардида, аз ин ҳисоб ва аз ҳисоби маблағҳои қаблан ошкоршуда, дар маҷмӯъ, ба буҷет 500,0 миллион сомонӣ ворид гардидааст. Ҳамзамон, тавассути самтҳои дигари назорати андоз, ки имрӯз бояд ҳолати қонунвайронкунии соҳаи андозро дар фаъолияти андозсупорандагон пешгирӣ намоянд, 3030 ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ, 3914 ҳолати дар ҳисобот нишон надодани коргарони кироя, 739 ҳолати бе истифодаи мошинҳои назоратӣ - хазинавӣ фаъолият доштани андозсупорандагон ва 706 ҳолати бе қайди мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои ғайриманқул ошкор шудааст. Дар рафти санҷиш камбудиҳои ошкоргардида бартараф шуда, дар ҳаҷми 63, 7 млн. сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб ва воридоти 58,0 млн. сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст.

Гуфтан ҷоиз аст, масъалаи гузаронидани корҳои назоратӣ ва тавассути он ошкор ва пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои андоз дар аксари мақомоти ҳудудии андоз, аз ҷумла Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат мувофиқи мақсад ба роҳ монда шудааст. Дар 11 моҳи соли 2019 кормандони нозироти андози шаҳр дар фаъолияти беш аз 40 нафар шахси ҳуқуқию соҳибкори инфиродӣ муоинаи хронометражӣ анҷом дода, ба маблағи 336400 сомонӣ фарқияти даромади якмоҳаи соҳибкоронро, ки пинҳон монда буд, ҳамчунин 7 нафар коргари кироя бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз фаъолияткунандаро ошкор намуданд. Ҷамъи андозҳои дар як моҳ ба таври илова ҳисобшуда, дар маҷмӯъ, 14300 сомониро ташкил дод.

Ҳангоми мавриди омӯзиш ва баҳрабардорӣ қарор додани эъломияҳои пешниҳоднамудаи ҶДММ “Рустам ФАРМ”, ки ба фурӯши доруворӣ машғул аст, диққати кормандони Нозироти андози шаҳри Ваҳдатро нокифоя будани маблағҳои андоз дар манбаи пардохт ба худ кашид. Онҳо хуб медонистанд, ки даромади дорухона пайваста дар афзоиш аст, вале андозсупоранда онро дар ҳуҷҷатҳо қайд намекунад. Ҳамчунин, ин ширкат даромади умумии моҳонаи худро дар эъломияҳои андоз ба андозаи 14000 сомонӣ нишон дода, тибқи он андозҳои вобасташударо пардохт менамояд. Маблағи номбурда дар муқоиса бо даромади ҳармоҳаи дорухона ночиз бошад ҳам, вале масъулони дорухона зимни суҳбату вохӯриҳо бо кормандони мақомоти андоз ҳамеша аз набудани савдо ва ночиз будани даромади ба даст меовардаашон шикоят менамуданд.

Кормандони нозироти андози шаҳр ба қароре омаданд, ки фаъолияти соҳибкорро мавриди муоинаи хронометражӣ қарор дода, манбаи андозбандишавандаи ӯро мушаххас муайян намоянд. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ мутобиқ ба талаботи Кодекси андоз маблағҳои дар хазинаи корхона мавҷудбуда, ҳуҷҷатҳои пулӣ, дафтарҳои муҳосибӣ, ҳисобот, сметаҳо, коғазҳои қиматнок, ҳисобҳо, эъломияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ба объекти андозбандӣ алоқаманд, ҳисоботи фискалии мошини назоратӣ-хазинавӣ ва шумораи коргарони кироии воқеан ҷалбшуда ба ҳисоб гирифта шуд. Муайян гардид, ки маблағҳои нақдии ба дорухона воридшаванда ба ҳисоби миёна дар як моҳ 39008 сомониро ташкил медиҳад, ки ин аз маблағи қаблан дар ҳисобот пешниҳоднамудаи соҳибкор қариб ду баробар, аниқтараш 25008 сомонӣ зиёд аст. Ҳамчунин, дар ҷараёни муоинаи хронометражӣ барои таъмин накардани нигаҳдории ҳуҷҷатҳо вобаста ба истифодаи мошини назоратӣ- хазинавии дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла лентаҳои назоратӣ мутобиқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат ба маблағи 4400 сомонӣ ҷарима карда шуд.

Дар асоси нақшаи кории мақомоти ҳудудии андоз оид ба гузаронидани корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ ба андозсупорандагон гурӯҳи кории нозироти андоз хостанд бо соҳибкори инфиродӣ Фозилҷон Исмоилов, ки хизматрасониҳои гуногунро ба уҳда дорад, атрофи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 08 2012 таҳти рақами 451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» суҳбат анҷом диҳанд. Вале соҳибкор Ф. Исмоилов аз асли воқеа бехабар якбора ба шикоят гузашт.

- Маблағи андозҳои месупурдаи ман дар шаҳр нисбат ба дигарон зиёд асту кам не. Ман аз фаъолияти соҳибкориам даромади кам мегирам, ки ҳатто ба рӯзгорам намерасад. Ба болои ҳамаи ин боз коргарони кирояро маош доданам даркор, шумо бошед, ҳар вақт ки ба дукон оед, талаб мекунед, ки ман маблағи андозамро бояд зиёд намоям...

Кормандони андоз арзи ӯро оромона шунида, гуфтанд, ки муоинаи хронометражӣ мегузаронанд. Агар маблағе, ки пардохт мешавад, аз манбаи андоз зиёд бошад, онро мутобиқи қонунгузории андоз кам менамоянд ва агар не, мувофиқи натиҷаи муоина чора андешида мешавад. Худи ҳамон рӯз масъалаи даъвои соҳибкор Ф. Исмоилов дар шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мавриди муҳокима қарор дода шуд ва фармоиши сардори нозироти андоз дар хусуси гузаронидани муоинаи хронометражӣ аз 21 08 2019 таҳти № 3038 ба тасвиб расид.

Дар оғози муоинаи хронометражӣ мутобиқ ба талаботи Кодекси андоз маблағҳои дар хазинаи корхона мавҷудбуда, ҳуҷҷатҳои пулӣ, дафтарҳои муҳосибӣ, ҳисобот, сметаҳо, коғазҳои қиматнок, ҳисобҳо, эъломияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ба объекти андозбандӣ алоқаманд, ҳисоботи фискалии мошини назоратӣ-хазинавӣ ва шумораи коргарони кироя ба ҳисоб гирифта шуда, даромади моҳонаи соҳибкор муайян гардид. Муоинаи хронометражӣ маълум кард, ки даромади якмоҳаи соҳибкор 28626 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба маблағҳои қаблан дар ҳисобот нишондодашуда 22611 сомонӣ зиёд аст. Нисбат ба соҳибкор тибқи қонунгузорӣ чора андешида шуд.

Муоинаи хронометражӣ, ҳамчунин дар фаъолияти ҶДММ “Олимҷон-Ю” муайян намуд, ки муҳосиботи ширкат дар ҳисоботи андозӣ даромади хешро пурра қайд накарда, дар эъломияҳои андоз маблағи якмоҳаи даромади умумии худро 31867 сомонӣ нишон додааст, ки ин ба ҳар рӯзи корӣ 1225 сомонӣ рост меояд. Тибқи муоинаи хронометражӣ муайян гардид, ки даромади воқеии ширкат ҳар моҳ 52444 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба маблағҳои қаблан дар ҳисобот нишондодашуда 20577 сомонӣ зиёд мебошад. Ширкат барои таъмин накардани нигаҳдории ҳуҷҷатҳо вобаста ба истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла лентаҳои назоратӣ мутобиқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4400 сомонӣ ҷарима карда шуд.

**М. ТАБАРЗОДА**

# Ҳолати иҷрои намудҳои андоз

**Агарчи иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар вилояти Хатлон ба андозаи 100,1% таъмин гардид, вале қисмате аз шаҳру ноҳияҳо аз уҳдаи иҷрои нақшаи андозҳо набаромаданд.**

Муовини сардори Раёсати андози вилояти Хатлон Абдурозиқ Солеҳзода изҳор дошт, ки соли 2019 иҷрои нақшаи андозҳоро бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ шаҳру ноҳияҳои Қубодиён 92%, Абдураҳмони Ҷомӣ 79%, Ҷайҳун 96% ва Панҷ 87% таъмин намуданд, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 19,6 млн сомонӣ маблағи кам ворид гардид.

Илова бар ин, иҷрои нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетиро ноҳияҳои Кӯшониён – 98%, Абдураҳмони Ҷомӣ – 78%, Панҷ- 64%, Ёвон – 92%, Ҳамадонӣ – 97%, Ховалинг 82% ва шаҳри Норак 92% таъмин кардаанд, ки дар маҷмӯъ, аз ин ҳисоб ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 11,5 млн. сомонӣ аз нақшаи пешбинигардида кам ворид шуд.

Ба иттилои манбаъ, нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ба андозаи 89% таъмин гардид ва дар натиҷа, ба ҷои 321,6 млн сомонии пешбинишуда ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 286,8 млн сомонӣ ворид шуд. Ин нишондиҳанда нисбат ба нақшаи пешбинишуда 34,8 млн сомонӣ кам ва нисбати маблағи ҷамъоваригардидаи ҳамин давраи соли 2018-ум 10,9 млн сомонӣ (4,0%) зиёд мебошад.

Дар ин давра, ҳамчунин, 17 шаҳру ноҳияи вилоят аз уҳдаи иҷрои нақшаи андози иҷтимоии буҷетӣ баромада натавонистанд. Аз ҷумла, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Кӯшониён нақшаро ҳамагӣ 88%, Вахш – 70%, Хуросон – 99%, Қубодиён – 91%, Абдураҳмони Ҷомӣ – 81%,Ҷайҳун – 65,3%, Панҷ - 89%, Шаҳритуз – 75%, Кӯлоб – 91%, Муъминобод - 78%, Восеъ - 67%, М.С.А. Ҳамадонӣ - 99%, Фархор – 76%, Шамсиддин Шоҳин – 94%, Балҷувон 97% ва шаҳри Норак – 98% таъмин кардаанд, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 36,6 млн сомонӣ маблағ кам ворид шудааст.

Дар робита ба ин, сардори шуъбаи баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳои Раёсати андози вилояти Хатлон Сингин Саидзода қайд намуд, ки соли 2019 дар вилояти Хатлон иҷрои нақшаи 2 намуди андоз таъмин нагардид. Хусусан, андоз аз арзиши иловашуда – 83% ва андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ – 97% таъмин гашт, ки дар натиҷа, ба буҷет 61,2 млн. сомонӣ кам ворид шуд.

Масалан, дар шаҳру ноҳияҳои Кӯшониён 2 намуди андоз, Вахш 1 намуди андоз, Хурсон 1 намуди андоз, Қубодиён 2 намуди андоз,Ҷалолиддини Балхӣ 1 намуди андоз, Абдураҳмони Ҷомӣ 3 намуди андоз, Ҷайҳун 1 намуди андоз, Панҷ 3 намуди андоз, Шаҳритус 2 намуди андоз, Ёвон 3 намуди андоз, Левакант 1 намуди андоз, Муъминобод 1 намуди андоз, Восеъ 2 намуди андоз, Ҳамадонӣ 1 намуди андоз, Ховалинг - 1 намуди андоз, Шамсиддин Шоҳин 1 намуди андоз ва шаҳри Норак 1 намуди андоз иҷро нагардидааст, ки аз ин ҳисоб ба маблағи умумии 111,9 млн сомонӣ ба буҷет кам ворид гардид.

**С. РУСТАМ,**

**шаҳри Бохтар**

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# Назорати иҷрои қонун

**28 –уми январи соли 2020 Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Юсуф Аҳмадзод зимни нишасти матбуотӣ қайд намуд, ки дар раванди назорат ба риояи қонунгузории андоз ҷиҳати бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ошкоршуда 2415 амр, 393 эътироз, 341 пешниҳод манзур гардида, 197 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ ва 2495 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд. Ҳамчунин, 72 парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва 263,7 млн. сомонӣ бақияпулиҳои андоз ба буҷет ворид шудааст.**

Мавсуф вобаста ба назорати иҷрои қонунҳо ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд гуфт, ки дар ин давра 5338 санҷиш гузаронида, ҷиҳати бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ошкоршуда 24206 санади эътиноии прокурорӣ татбиқ ва бо натиҷаи баррасии онҳо 36331 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ ва моддию маъмурӣ кашида шуда, 2688 парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст.

Гуфта шуд, ки бо дахолати прокуророн 598 млн. сомонӣ ошкор ва аз он 303 млн. сомонӣ ба манфиати давлат барқарор шудааст.

- Риояи қонунгузории замин дар маркази диққат қарор дошта, ҷиҳати бартараф намудани қонуншиканиҳо дар ин самт 7171 санади эътиноии прокурорӣ татбиқ гардидаанд ва 4138 нафар ба ҷавобгарии интизомию маъмурӣ кашида шуда, 883 парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва 8196 гектар қитъаи замин ба ҳолати аввала баргардонида шуд, - гуфт Юсуф Раҳмон.

Вобаста ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 1350 қонуншиканӣ ошкор ва нисбати шахсони гунаҳкор 494 парвандаи маъмурӣ оғоз гардидаанд. Инчунин, баҳри бартараф намудани қонунвайронкуниҳо 113 амр дода, 405 шахси масъул ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шуданд.

Чуноне зикр шуд, дар рафти санҷишҳо оид ба риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қонуншиканиҳои зиёд ошкор гардидаанд ва вобаста ба ин, 3139 нафар ба ҷавобгарии интизомию моддӣ ва маъмурӣ кашида, 145 парвандаи ҷиноятӣ оғоз шудаааст.

Юсуф Раҳмон илова намуд, ки муфаттишони прокуратура дар ин давра тафтиши 4105 парвандаи ҷиноятиро ба итмом расонида, 3378 адади онро барои баррасӣ ба суд ирсол намудаанд. Дар рафти тафтиши ин парвандаҳои ҷиноятӣ 114,7 млн. сомонӣ зарар, аз ҷумла 21 млн. сомонӣ ба манфиати давлат барқарор гардидааст.

Иттилоъ дода шуд, ки дар соли 2019 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 21966 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст.

Дар охир, рӯзнома-нигорон ба суолҳои худ посух гирифтанд.

**М. ҶУМЪА**

# Бақайдгирии

## иҷорадиҳандагони молу мулк



**Яке аз сарчашмаҳои иловагии ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ ва таъмини иҷрои нақшаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ пурра ба андозбандӣ ҷалб кардани соҳибмулкони молу мулки манқул ва ғайриманқули худро ба иҷорадода мебошад.**

Мутахассисони соҳаи андоз бар он назаранд, ки солҳои охир раванди ба иҷора додани молу мулки ғайриманқул вусъат ёфта, аз рӯи нишондиҳандаҳои воқеӣ дуруст андозбандӣ намудани он ба ҳаҷми воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Аз ин хотир, аз ҷониби мақомоти андоз ба ин самт таваҷҷуҳи дахлдор зоҳир мешавад.

Сардори шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеии Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷомии Абдураҳмон гуфт, ки ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар мақомоти ҳудудии андоз 16862 нафар шахси воқеӣ ба сифати иҷорадиҳандаи молу мулк дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шудааст, ки масоҳати умумии объектҳои баиҷорададодашуда 2347,6 ҳазор метри мураббаъро ташкил дода, маблағи умумии иҷорапулӣ ба 427,1 млн. сомонӣ баробар мебошад. Аз маблағи умумии шартномаҳои баимзорасонидашуда ба маблағи 55,5 млн. сомонӣ андоз аз даромад ҳисоб шуда, дар ин давра пардохти 60,1 млн. сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст.

Хотиррасон мешавем, ки тибқи талаботи қисми 4 моддаи 156 Кодекси андоз шахсони воқеӣ – резидентҳое, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегиранд, уҳдадор мебошанд, ки эъломияро оид ба андоз аз даромад ҳар сол то 1-уми апрели баъди соли ҳисоботӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

Ҷ. Абдураҳмон вобаста ба натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда дар ин самт гуфт, ки аз ҷониби на ҳамаи иҷорадиҳандагон эъломияҳои андоз аз даромад бо ҷамъбасти соли 2018 дар муҳлати то санаи 01.04.2019 ба мақомоти андоз пешниҳод шудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки аз шумораи умумии иҷорадиҳандагони молу мулк (16862) 3474 нафари он дар давраи 12 моҳи соли 2019 ба қайд гирифта шудаанд.

Дар соли 2019 аз шумораи 14782 нафар иҷорадиҳандаи молу мулк бо ҷамъбасти соли 2018 аз тарафи 13724 нафар ё 87,2 фоизи иҷорадиҳандагони молу мулк эъломияҳои андоз аз даромад ба мақомоти андоз пешниҳод гардида, шумораи иҷорадиҳандагоне, ки эъломияҳои андоз аз даромади худро пешниҳод накардаанд, ба 1889 нафар ё 12,8 фоиз баробар мебошад.

Нишондиҳандаи шумораи иҷорадиҳандагоне, ки дар соли 2019 эъломияҳои андозии худро бо ҷамъбасти соли 2018 ба мақомоти андози маҳалли қайди худ пешниҳод накардаанд, мутаносибан дар шаҳри Душанбе ба 259 нафар, вилояти Суғд 769 нафар, вилояти Хатлон 472 нафар ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 361 нафар рост меояд.

Таҳлил ва муқоисаи ҳисоботи мақомоти ҳудудии андоз нишон додаанд, ки ҳолати бақайдгирӣ ва ба андозбандӣ ҷалб кардани иҷорадиҳандагони молу мулк бо дарназардошти зичии аҳолӣ ва шумораи андозсупорандагони бақайдгирифташуда дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Хуросон, Дӯстӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Шаҳритуз, Левакант, Норак, Кӯлоб, Ҷайҳун, Данғара, Қубодиён, Тоҷикобод, Сангвор, Роғун, Варзоб, Лахш, Шаҳринав, Рашт ва Файзобод ҳоло ҳам нокифоя мебошад.

Дар робита ба ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳудудии андозро вазифадор намудааст, ки ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз аз даромад, ба қайд гирифтани объектҳои молу мулки шахсони воқеие, ки ба иҷора дода шудаанд, ҳамзамон, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ва беҳтар кардани сифати кор дар ин самти фаъолият чораҳои иловагӣ андешида, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳиро миёни шаҳрвандон ва соҳибмулкон тақвият бахшанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Трамп подтвердил договоренность с Францией о приостановке взимания цифрового налога



**По словам Трампа, только США будут взимать налог с американских технологических компаний**

Президенты США и Франции Дональд Трамп и Эммануэль Макрон договорились приостановить до конца 2020 г. взимание, в частности с американских высокотехнологических компаний, налога на работу в цифровой отрасли, который был введен с 2020 г. во Франции. Трамп подтвердил эту информацию в опубликованном интервью газете The Wall Street Journal, пишет ТАСС.

«Мне они не то, чтобы особо нравятся», — заявил президент США, говоря об американских высокотехнологических компаниях. «Если кто-то и будет взимать налог с технологических компаний США, то это будут Соединенные Штаты», — отметил он.

Ранее Трамп пригрозил ввести пошлины в размере 100% на импорт французских вин, если Макрон откажется приостанавливать действие цифрового налога.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# Назорати камералӣ дар қонунгузории ИДМ

**Тибқи қисми 1 моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати камералӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти андоз, бе ташриф овардан ба маҳалли ҷойгиршавӣ ва ё фаъолияти андозсупоранда дар асоси эъломия ва ҳисоботи андози андозсупоранда, бо мақсади бартараф намудани номутобиқатиҳои дар эъломияҳои андоз ҷойдошта ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз анҷом дода мешавад. Тибқи муқаррароти Кодекси андоз чунин шакли назорат санҷиши андоз ба ҳисоб намеравад.**



Назорати камералӣ тибқи тартиби муқаррарнамуда аз рӯи нишондодҳои эъломияҳои андози ба мақомоти андоз пешниҳодгардида, муқоисаи онҳо бо маълумоти дар ихтиёри мақомоти андоз ҷойдошта, аз ҷумла маълумоти аз мақомоти омор, гумрук, дигар мақомоти давлатӣ, инчунин, давлатҳои хориҷӣ дастрасшуда, гузаронида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки муқаррарот дар бораи дар шакли назорати камералӣ гузаронидани назорати андоз дар қонунгузории дигар давлатҳо низ пешбинӣ гардидааст.

Тавре сардори Сарраёсати назорати андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидаҳтам Халифазода гуфт, давра ба давра зиёд гардидани шумораи андозсупорандагоне, ки эъломия ва ҳисоботи худро тариқи электронӣ ба мақомоти андоз пешниҳод менамоянд, ҳамчунин, аз дигар мақомоти давлатӣ ворид гардидани маълумот ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият додааст, ки ҳаҷми коркарди маълумот бештар ва сифатан беҳтар гардида, бо роҳи ошкор кардани номутобиқатиҳо дар эъломияҳои андоз ва гузаронидани назорати камералии эъломияҳои андоз, қонунвайронкуниҳои андозро дар фаъолияти андозсупорандагон пешгирӣ ва бартараф намоянд.

Ба иттилои мавсуф агар дар соли 2017 аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси эъломия ва ҳисоботи андозсупорандагон тибқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 18 ҳазор назорати камералӣ (дар фаъолияти баъзе андозсупорандагон як маротиба ва зиёда аз он) гузаронида шуда бошад, пас дар соли 2018 бо дарназардошти ба Кодекси андоз ворид шудани тағйиру иловаҳо ва маҳдудиятҳо дар гузаронидани назоратҳои камералӣ, шумораи он ба 9,3 ҳазор адад ва дар 11 моҳи соли 2019 ба 9,1 ҳазор адад расида, нисбат ба нишондиҳандаҳои солҳои 2017-2018 як баробар кам гардидааст. Дар натиҷа, маблағҳои аз ҳисоби назорати камералӣ ба буҷет воридгардида ва ё аз ҳисоби маблағи изофапулии (алалхусус, андоз аз арзиши иловашуда) андозсупорандагон кам карда шуда, дар соли 2017 зиёда аз 552,0 млн. сомонӣ, дар соли 2018 зиёда аз 582,0 млн. сомонӣ ва дар 11 моҳи соли 2019 зиёда 487,0 млн. сомониро ташкил додааст.

Қобили қайд аст, ки бо ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз аз 1 –уми январи соли 2018, ки дар он гузаронидани назорати камералӣ барои давраҳои санҷишҳои маҷмӯию мавзӯии гузаронидашуда, такроран гузаронидани назорати камералӣ, инчунин, зиёда аз як маротиба дар шаш моҳи тақвимӣ гузаронидани назорати камералӣ, ба истиснои назорати камералие, ки тибқи супориши хаттии роҳбари аввали мақоми ваколатдори давлатӣ таъин мегардад, манъ карда шудааст, то андозае ба пешгирии саривақтии қонунвайронкуниҳои андоз ва ворид намудани маблағи андозҳо ба буҷет мусоидат кардааст.

Бояд қайд намуд, ки дар қонунгузории андози дигар давлатҳо, аз ҷумла давлатҳои аъзои ИДМ ҷиҳати гузаронидани назорати камералӣ афзалиятҳо муқаррар гардида, пешбинӣ шудааст, ки тамоми ҳисобот ва эъломияҳои андозсупорандагон баъди ба мақомоти андоз пешниҳод шудан, мавриди назорати камералӣ қарор гирифта, ҳамин тариқ қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон пешгирӣ ва ба андозсупоранда имконият дода мешавад, ки номутобиқатиҳои дар ҳисоботи андоз ошкоршударо мустақилона бартараф намояд.

Чуноне С. Халифазода мисол овард, дар қисми 2 моддаи 88 Кодекси андози Федератсия Россия муқаррар гардидааст, ки тамоми ҳисобот ва эъломияҳои андозсупорандагон дар давоми 3 моҳ аз лаҳзаи пешниҳод, таҳти назорати камералӣ қарор дода мешаванд. Илова бар ин, моддаҳои 91 – 92 Кодекси андози Федератсияи Россия барои муайян намудани асоснокии нишондиҳандаҳои маводи назорати камералӣ вобаста ба андоз аз арзиши иловашуда, ба кормандони мақомоти андоз иҷозат додааст, ки дар асоси қарори роҳбари мақомоти андоз азназаргузаронии ҷойи фаъолият ва ё анборҳои нигоҳдории моли андозсупорандаро амалӣ намоянд.

Инчунин, дар қисми 6 моддаи 96 Кодекси андози Ҷумҳурии Қазоқистон пешбинӣ шудааст, ки барои дар муҳлатҳои муқарраргардида иҷро накардани огоҳиномаи мақомоти андоз оид ба назорати камералӣ, амалиёти хароҷотии андозсупоранда дар бонкҳо боздошта мешаванд.

Тибқи муқаррароти моддаи 71 Кодекси андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои дар муҳлати муқарраршуда (10 рӯз) аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод нагардидани тавзеҳот вобаста ба натиҷаи назорати камералӣ ё пешниҳод нагардидани эъломияҳои андоз, мақомоти андоз барои боздоштани амалиёти бонкии чунин андозсупоранда бо аризаи даъвогӣ ба суд муроҷиат менамояд ё барои давраи таҳти назорати камералӣ қарор додашуда, омӯзиши фаврии мавзӯиро таъин карда (моддаи 71.2.), дар давоми 7 рӯз асоснокии нишондиҳандаи назорати камералиро дар маҳалли фаъолияти андозсупоранда таҳти санҷиш қарор медиҳад. Дар баробари ин, моддаи 115 барои сари вақт пешниҳод нашудани тавзеҳот, нисбати андозсупоранда ҷаримаи маъмурӣ муқаррар намудааст.

Дар моддаи 101 Кодекси андози Ҷумҳурии Қирғизистон пешбинӣ гардидааст, ки дар ҳолати пас аз гузаронидани назорати камералӣ аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод нагардидани тавзеҳот ё пешниҳод нашудани эъломияҳои иловагии андоз, андозсупоранда ҳамчун субъекти дорои хавфи насупоридани андоз эътироф мегардад ва аз ҷониби мақомоти андоз дар фаъолияти чунин андозсупоранда санҷиши андоз гузаронида мешавад.

Дар моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Озарбойҷон муқаррар шудааст, ки эъломияҳои андози андозсупоранда дар давоми 30 рӯз, пас аз лаҳзаи ба мақомоти андоз пешниҳод шудан, таҳти назорати камералӣ қарор дода мешаванд. Андозсупоранда уҳдадор карда шудааст, ки ҳангоми муроҷиат оид ба норозӣ будан аз натиҷаи назорати камералӣ, то баррасии пурраи натиҷаи назорати камералӣ, дар суратҳисобҳои ҷории худ дар бонкҳо, аз маблағи тариқи назорати камералӣ ҳисобшуда 5% бештар маблағ нигоҳ дорад (моддаи 16.1.).

Дар қисми 4 моддаи 344 Кодекси андози Арманистон барои гузаронидани назорати камералӣ ягон маҳдудият пешбинӣ нагардида, андозсупоранда уҳдадор карда шудааст, ки қонунвайронкуниҳои андозро дар муҳлати то 3 рӯзи корӣ бо роҳи пешниҳоди эъломияҳои иловагии андоз бартараф намояд ва ё тавзеҳоти асоснок пешниҳод кунад. Зимнан ёдрас менамоем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои анҷом додани ин амалҳо 10 рӯзи корӣ муқаррар шудааст.

Дар асоси моддаи 262 Кодекси андози Ҷумҳурии Гурҷистон назорати камералӣ дар асоси қарори роҳбари мақомоти андоз бемаҳдудият гузаронида мешавад.

Қобили қайд аст, ки бо дарназардошти таҷрибаи дигар давлатҳо ва бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳо аз ҷониби кормандони мақомоти андоз ва сифатан беҳтар намудани корҳои назоратӣ бо Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 17.09.2019, №434 Тартиби гузаронидани назорати камералӣ тасдиқ карда шудааст.

Омӯзиши қонунгузории андози давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ва Осиё, инчунин, натиҷаи сафарҳои корӣ ва таҷрибаомузӣ дар мақомоти андози давлатҳои Аврупо ва Осиё шаҳодат медиҳад, ки вобаста ба гузаронидани назорати камералии эъломия ва ҳисоботи андози андозсупорандагон, маҳдудиятҳо муқаррар карда нашудааст. Илова бар ин, дар сохтори мақомоти андози дигар давлатҳо барои ташкил ва назорати гузаронидани назорати камералӣ Раёсати алоҳида амал мекунад.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

## Муоинаи хронометражӣ чӣ натиҷа дод?

**Тибқи моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муоинаи хронометражӣ шакли назорати андоз буда, он бо мақсади муқаррар намудани даромади воқеии андозсупоранда ва хароҷоти воқеии вобаста ба фаъолияти он гузаронида мешавад.**

Дар робита ба ин, кормандони гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳр дар давоми соли 2019 дар фаъолияти 357 нафар андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронидаанд.

Аз ин шумора 111 адад (81 адади он дар асоси амрномаи Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30 адад дар асоси амри сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе) ба Раёсати андози шаҳр мансуб мебошад. Даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 2596,4 ҳазор сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 5320,7 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки фарқият 2724,3 ҳазор сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражӣ 47,9 ҳазор сомонӣ рост меояд. 38 адад муоинаи хронометражӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур тааллуқ дорад. Аз ин даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 656,7 ҳазор сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 1221,7 ҳазор сомонӣ зиёд шудааст, ки фарқият 565 ҳазор сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражии гузаронидашуда 32,15 ҳазор сомонӣ рост меояд. Ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ 87 адад муоинаи хронометражӣ бо даромади умумии андозсупорандагон, то давраи муоинаи хронометражӣ 2190,5 сомониро ташкил медод ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 4524,6 ҳазор сомонӣ зиёд шудааст, ки фарқият 2334,1 ҳазор сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражӣ 52 ҳазор сомонӣ рост меояд. Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ 55 адад муоинаи хронометражӣ гузаронидаанд, ки даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 900,6 ҳазор сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 1702,3 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки фарқият 801,7 ҳазор сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражии гузаронидашуда 30,9 ҳазор сомонӣ рост меояд. Ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино 66 адад муоинаи хронометражӣ рост омадааст, ки даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 1519,3 ҳазор сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 2795,4 ҳазор сомонӣ зиёд шудааст. Тафовути он 1276,1 ҳазор сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражӣ 42,3 ҳазор сомонӣ рост омадааст.

Бояд зикр кард, ки дар ин давра шумораи протоколҳои тартибдодашуда дар ҳолати гузаронидани муоинаи хронометражӣ 202 ададро ташкил намудаанд. Аз ин шумора 84 адад ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе бо маблағи 376,5 ҳазор сомонӣ, 30 адад ба Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур бо маблағи 96,8 ҳазор сомонӣ, 30 адад ба Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонӣ бо маблағи 137,5 ҳазор сомонӣ, 25 адад ба Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ бо маблағи 110 ҳазор сомонӣ ва 33 адад ба Нозироти андози ноҳияи Сино бо маблағи 140,5 ҳазор сомонӣ мансуб буда, дар маҷмӯъ, маблағи протоколҳои тартибдодашуда 861,5 ҳазор сомониро дар бар гирифтаанд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# Таҳлили вазъи истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ

**Бо мақсади татбиқи амалии “Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои солҳои 2018-2020”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2018, таҳти №519 тасдиқ гардидааст, Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи рушди маъмурикунонии андоз, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва таҷҳизоти муосир, доду гирифт ва коркарди маълумотро ба роҳ монда, кӯшиш карда истодааст, ки сатҳ ва сифати хизматрасониро ба андозсупорандагон ва шаҳрвандон давра ба давра беҳтар намояд.**

дексо андоз танҳо 20 фоизи онҳо ӯҳдадоранд дар фаъолияти худ аз мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ истифода намоянд.

Қобили қайд аст, ки тибқи муқаррароти Кодекси андоз зиёда аз 90 ҳазор соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда ва зиёда аз 160 ҳазор хоҷагии деҳқонӣ ҳуқуқ доранд бе истифода аз мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ фаъолият намоянд. (Диаграммаи 1)

Зиёда аз 5 сол мешавад, ки субъектҳои соҳибкорӣ давра ба давра бо мошинҳои назоратӣ-хазинавии муосири дорои қобилияти интиқоли электронии маълумот ба мақомоти андоз, таъмин шуда истодаанд.Айни замон зиёда аз 28 ҳазор мошини назоратӣ-хазинавии субъектҳои соҳибкорӣ қобилияти интиқоли электронии маълумот ба Кумитаи андозро доранд, ки 73%-и МНХ -и амалкунандаро ташкил менамоянд. (Диаграммаи 2)



(Диаграммаи 4)



(Диаграммаи 1)

Тибқи тағйиру иловаҳо ба моддаи 38 мақомоти андозро дар низоми мустақим, бе ташриф овардан ба мақомоти андоз,яъне дар реҷаи онлайн таъмин менамояд.

Насби мошинҳои назоратӣ-хазинавии муосир имконият дод, ки даромади беасоси мақомоти андоз ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ маҳдуд карда шуда, шаффофияти ҳисобдорӣ дар фаъолияти онҳо таъмин гардад ва дар баробари ин таъмини риояи ҳуқуқи шаҳрвандон – истеъмолкунандагон нисбатан беҳтар шавад. (Диаграммаи 6)

Ҳамзамон, истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии муосир шароит фароҳам овард, ки пеш аз ҳама, вақти субъектҳои соҳибкорӣ ҷиҳати омода ва пешниҳод намудани ҳисобот ва вақти кормандони мақомоти андоз барои анҷом додани корҳои назоратӣ сарфа шавад. Зеро тибқи муқаррароти моддаи 38 Кодекси андоз ва банди 30 қарори

чиптаи ҷамъбастии мошинҳои назоратӣ-хазинавиро аз натиҷаи фаъолияти моҳонаи худ ба эъломияҳои андоз замима карда, ба мақомоти андози маҳалли кайди худ пешниҳод намоянд, ки ин аз соҳибкор сарфи вақти иловагиро талаб менамуд. Яъне, қаблан соҳибкор барои пешниҳоди чиптаи ҷамъбасти моҳона бояд дар як сол 12 маротиба ба мақомоти андоз ҳозир мешуд ва ё ин ки корманди мақомоти андоз аз ҷойи фаъолияти соҳибкор ҳар моҳ дидан намуда, аз мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ чиптаи ҷамъбастиро чоп менамуд.

Пас аз мавриди истифода қарор додани мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ нишондиҳандаҳои чиптаҳо ба мақомоти андоз тариқи электронӣ интиқол ёфта, андозсупорандагон барои пешниҳоди чиптаи ҷамъбастии моҳона ба мақомоти андоз ҳозир намешаванд. Дар баробари ин, истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии муосир имкон дод, ки шаффофияти фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар шуда, даромади умумии соҳибкорон аз ҳисоби амалиётҳои нақдӣ, ки бо истифода аз мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ ба расмият даровarda шудааст, сол аз сол зиёд гардад. (Диаграммаи 7)

Ҳамин тариқ, агар ҳаҷми гардиши амалиётҳои аз мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ ба махзани маълумоти Кумитаи андоз воридгардида дар соли 2015 маблағи 1,1 млрд. сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2019 ба 14,4 млрд. сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2015-ум 14 маротиба зиёд мебошад.

Қобили қайд аст, ки дар ин замина маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор низ зиёд гардид. Агар дар соли 2015 маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо

Истифодаи мошинҳои назоратӣ – хазинавии муосир, ки қобилияти интиқоли маълумотро ба мақомоти андоз доранд, аз ҷумлаи тадбирҳое мебошад, ки тайи солҳои охир дар доираи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз роҳандозӣ гардидааст.

Тибқи муқаррароти қисми 4 моддаи 38 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ ин таҷҳизоти электронӣ бо блоки хотираи фискалӣ мебошанд, ки барои сабти ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо истифода карда мешаванд ва новобаста ба мавҷудияти қувваи барқ қобилияти нигоҳдории дарозмуддати маълумотро доранд.

Қобили қайд аст, ки тибқи қонунгузорӣ аз 1-уми январи соли 2017 дар Тоҷикистон танҳо он мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ истифода мешаванд, ки қобилияти интиқоли электронии маълумотро ба мақомоти андоз дошта бошанд. Истифодаи дигар шаклҳои МНХ, ки дар Феҳристи давлатии МНХ пешбинӣ нагардидааст, манъ аст.

Муқаррароти моддаи 19 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳои соҳибкориро ӯҳдадор намудааст, ки ҳангоми ҳисоббаробаркунии нақдӣ бо мизоҷон, аз мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ истифода намуда, дар эъломияҳои андоз даромади воқеии худро аз рӯи нишондиҳандаҳои ин мошинҳо дарҷ намоянд. Зеро мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб рафта, истифода намудани он ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ дар вақти фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд, тибқи муқаррароти моддаҳои 38 ва 39 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиби истифодаи мошини назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ” аз 2 майи соли 2013, №210 ҳатмӣ мебошад.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Феҳристи ягонаи давлатӣ зиёда аз 326 ҳазор субъекти соҳибкорӣ – шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ амал менамоянд ва мутобиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 38 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 1 –уми январи соли 2017 истифодаи МНХ, ки қобилияти интиқоли электронии маълумотро надоранд, манъ карда шудааст ва тибқи махзани маълумоти Кумитаи андоз чунин МНХ то 23% аз шумораи умумии МНХ-ро ташкил дода, то ҷамъбасти нимсолаи якуми соли 2020 пурра бо МНХ –и муосири дорои қобилияти электронии маълумотдошта, иваз карда мешаванд. (Диаграммаи 3)

Агар дар соли 2015 шумораи МНХ – и дорои қобилияти интиқоли электронии маълумот 2460 ададро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2016 – ум 8700 адад, дар соли 2017 –ум 17495 адад, дар соли 2018 -ум 23481 адад ва дар соли 2019 ба 27929 адад расидааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2015 –ум 11 маротиба зиёд мебошад. (Диаграммаи 4,5)

Тавассути таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ маълумот оид ба ҳаҷми фурӯш аз мошини назоратӣ-хазинавии андозсупоранда аз маҳалли фаъолияти соҳибкорон тариқи шабакаи интернет, бо истифода аз хизматрасониҳои ширкатҳои алоқаи мобилӣ ба махзани маълумоти мақомоти андоз ворид гардида, робитаи андозсупоранда ва



(Диаграммаи 2)



(Диаграммаи 3)

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013 №210 субъекти соҳибкорӣ ӯҳдадор буд, барои тасдиқи дурустии эъломияҳои андоз

аз ҳисоби истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ 424,0 ҳазор сомониро ташкил дода

# дар фаъолияти андозсупорандагон



(Диаграммаи 5)

бошад, пас дар соли 2019 ин нишондиҳанда ба 5,2 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2015-ум аз 4,8 млрд. сомонӣ 13 маротиба зиёд мебошад. (Диаграммаи 8)

Истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии муосир имкон медиҳад, ки субъектҳои соҳибкорӣ бо истифода аз хизматрасониҳои "Утоқи андозсупоранда" дар низоми реҷаи мустақим ҷараёни фурӯши молҳоро (кор ва хизматрасониҳоро) дар нуқтаҳои фурӯш, новобаста аз минтақаи ҷойгиршавӣ ва фаъолияти онҳо, ҳамчунин, фаъолияти хазинадорони худро мустақиман назорат ва идора намоянд.

Инчунин, истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ дигар имкониятҳоро низ фароҳам меоварад. Аз ҷумла, маълумоти аз мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ тариқи электронӣ ба мақомоти андоз интиқолёбанда, эъломияҳои андозро, ки бояд андозсупоранда ба мақомоти андоз пешниҳод намояд, тариқи автоматӣ ташаккул дода, вақти онҳоро сарфа менамояд, бо ирсоли СМС - паёмак бо андозсупоранда барои ислоҳи камбудиҳо оид ба тартиби истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шавад. Ҳамчунин, шаҳрвандон – истеъмолкунандагон имконият доранд, ки ҳангоми ба миён омадани зарурат аз махзани маълумоти Кумитаи андоз нусхаи электронии чиптаҳоро дастрас намоянд, пас аз насби МНХ-и дорои ТИЭ корҳои назоратӣ, аз ҷумла санҷишҳои амалиётӣ ва муоинаи хронометражӣ танҳо нисбати субъектҳои соҳибкорие гузаронида мешаванд, ки тибқи барномаи "Системаи идоракунии хавфҳо" ва тавассути нишондиҳандаҳои МНХ фаъолияти онҳо баҳогузорӣ карда мешавад.

Яъне мақомоти андоз маълумоти аз мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ воридгардидаро коркард ва санҷишҳои амалиётӣ ва муоинаҳои хронометражиро маҳдуд намуда, корҳои назоратиро танҳо дар фаъолияти он андозсупорандагоне анҷом медиҳанд, ки онҳо ба қонунвайронкуниҳо роҳ дода, ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро ҳимоя накарда, ба мизоҷон аз чипта пешниҳод наменамоянд.

Тибқи махзани маълумоти Кумитаи андоз дар мисоли 50 андозсупоранда, дар соли 2016 агар даромади умумии онҳо 31,3 млн. сомониро ташкил дода бошад, пас гузаронидани



(Диаграммаи 6)

муоинаи хронометражӣ ба 52,1 млн. сомонӣ баробар гардидааст. Ин нишондиҳанда дар фаъолияти ин андозсупорандагон дар соли 2017 аз 29,4 млн. сомонӣ ба 49,8 млн. сомонӣ, дар соли 2018 аз 64,2 млн. сомонӣ ба 113,6 млн. сомонӣ ва дар соли 2019 аз 72,4 млн. сомонӣ ба 125,4 млн. сомонӣ баробар гардидааст. (Диаграммаи 9)

Бо истифода аз маълумоти МНХ - и дорои ТИЭ, самаранокии натиҷаи муоинаҳои хронометражӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 2015 зиёда аз 2,5 маротиба афзудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар асоси маълумоти тариқи электронӣ аз мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ воридгардида, мақомоти андоз бо андозсупорандагоне, ки дар мавриди истифодаи мошинҳои назоратӣ хазинавӣ ба қонунвайронкуниҳо роҳ медиҳанд, пеш аз ҳама, корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд, тариқи ирсоли СМС-паёмак ба телефони мобилӣ ба андозсупорандагон аз ҳолати ҷойдошта ҷиҳати риоя нагардидани қонунгузории андоз бо ҷамъбасти моҳ андозсупорандагонро огоҳ менамоянд.

Дар маҷмӯъ, истифодаи таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ имкон дода истодааст, ки риояи қонунгузорӣ оид ба истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ дар низоми мустақим зери назорат қарор дода шуда, сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон беҳтар ва даҳолати беасоси кормандони мақомоти андоз ва марказҳои хизматрасонии техникӣ ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ҳаддалимкон маҳдуд карда шавад.

Натиҷаи коркарди маълумоти тавассути таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ ба Кумитаи андоз воридшуда шаҳодат медиҳад, ки интизоми истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ дар фаъолияти андозсупорандагон сол аз сол беҳтар гардида истодааст.

Қобили қайд аст, ки ҳамкории шаҳрвандон низ доир ба истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ бо мақомоти андоз давра ба давра беҳтар гардида, шаҳрвандон дар мавриди надодани чиптаи мошини назоратӣ-хазинавӣ тавассути рақами содакардашудаи телефонии "151" ба Бахши иттилоотии Кумитаи андоз муроҷиат менамоянд ва мақомоти андоз ҳар як муроҷиатро сари вақт баррасӣ ва ҷиҳати ислоҳи қонунвайронкуниҳо чораҷӯӣ менамоянд. Танҳо дар давоми соли 2019 аз ҷониби шаҳрвандон тавассути телефони "151" ба Кумитаи андоз 86 муроҷиат ворид гардида, нисбати соҳибкороне, ки ба мизоҷони худ аз мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ чипта надодаанд ва ҳуқуқи истеъмолкунандагонро поймол кардаанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ чораҳои маъмурӣ андешида шудааст.

Агар дар соли 2015 шумораи протоколҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии тартибдодашуда 1068 адад ва маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ 6,3 млн. сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2019 -ум 3347 адад ва маблағи ҷаримаҳои маъмурии барои надодани чиптаи МНХ ва риоя накардани талаботи истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ ба 16,3 млн. сомонӣ баробар гардидааст, ки маблағи ҷаримаҳои маъмурии татбиқшуда 2,5 маротиба ё бештар аз 10 млн. сомонӣ мебошад.

Бо истифода аз технологияҳои ҳозиразамони иттилоотӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳо, ҳаддалимкон маҳдуд намудани корҳои назоратӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ба беасос халалдор насохтани фаъолияти онҳо, ҳамзамон баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонии мақомоти андоз яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати давра ба давра беҳтар намудани раванди таъмини нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ бо мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ ва постерминалҳо, дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои мақомоти андоз дар доираи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020 – 2025, татбиқи консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои даҳлдор чораҳои иловагӣ меандешад.

Ҳамзамон, мақомоти андоз аз шаҳрвандон эҳтиромона хоҳиш менамоянд, ки ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои худ, ҳамчун истеъмолгарон, риояи истифодаи МНХ–ро таъмин созанд, ҳангоми муомилот чипта аз МНХ –ро талаб намоянд ва бо истифода аз кортҳои пардохтӣ ҳисоббаробарӣ намудани хариди молҳо (кор ва хизматрасониҳо)-ро риоя кунанд. Танҳо дар ин сурат метавон ба комёбиҳои назаррастар ноил гардид.



(Диаграммаи 7)



(Диаграммаи 9)



(Диаграммаи 8)

**Саидаҳтам ХАЛИФАЗОДА,**
**сардори Сарраёсати назорати андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Мазҳаб ҶУМЪА,**
**"Боҷу хироҷ"**

НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

## Глава Минфина США объяснил «исчезновение» 1,5 триллиона долларов наличными




**Министр финансов США Стивен Мнучин в эфире Fox News ответил на вопрос, куда «исчезли» 1,5 триллиона долларов наличными, которых, по словам некоторых журналистов, не досчитались центробанки разных стран мира.**

Главу Минфина попросили объяснить «пропажу» печатных денег на указанную сумму. Отмечается, что речь идет в основном о купюрах номиналом 100 долларов. Предположительно, их местонахождение неизвестно, при этом ведущий не пояснил, как пришел к этому выводу.

«Значительная часть этих стодолларовых банкнот в буквальном смысле слова лежит без дела в банковских ячейках по всему миру», – ответил Мнучин, добавив, что «все хотят иметь на руках доллары», так как валюта США де-факто является резервной во всем мире, ведь в стране, по его словам, безопасно хранить деньги, инвестировать и владеть активами. При этом, по словам министра, спрос на доллары только растет. «В мире много Бенджаминов», – резюмировал спикер, имея в виду, изображение одного из основателей Соединенных Штатов Америки Бенджамина Франклина на стодолларовой банкноте.

Ранее пресса писала, что пока центробанки добавляют в экономику до 100 миллиардов долларов электронных денег каждый год, аналогичные суммы наличных, а также драгоценные металлы такой же стоимости «пропадают» из обращения.

По информации американской Федеральной резервной системы, в мире обращается больше стодолларовых купюр, чем однодолларовых. Предположительно, с момента финансового кризиса 2008-2009 годов число банкнот номиналом 100 долларов в мире удвоилось и превысило 1,3 триллиона долларов. При этом американский центробанк считает, что 80% таких купюр обращается за пределами страны.

100 долларов — максимальный номинал наличных денег в Соединенных Штатах, и Вашингтон не намерен его увеличивать, поскольку в нынешней ситуации властям легче отслеживать безналичные операции с точки зрения закона и уплаты налогов.

**Источник: https://aif.ru/money/market**

## Россиянин выиграл в лотерею миллиард рублей

**Эта сумма стала рекордной за всю историю проведения государственных лотерей в России. При этом победитель, чье имя пока не известно, потратил на счастливый билет сто рублей.**

Чтобы получить выигрыш, ему необходимо приехать в столичный лотерейный центр. В «Столото» надеются, что вскоре победитель объявится и расскажет, как планирует распорядиться деньгами.

«Подоходный налог с суммы составит 13%. Причем ему не нужно беспокоиться, сумма сразу придет за вычетом налога», — пояснил организатор лотереи.

**Источник: https://ria.ru**

# Андоз
# аз воситаҳои нақлиёт



**Як гурӯҳ андозсупорандагон дархост намудаанд, ки дар бораи андоз аз воситаҳои нақлёт маълумот диҳем. Бо ин мақсад мо бо сардори бахши Раёсати такмили қонунгузории андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собир Вазиров суҳбате доир кардем, ки онро пешниҳод менамоем.**

**- Собир Зокирович, нахуст бигӯед, ки андоз аз воситаҳои нақлёт чӣ гуна андоз аст ва киҳо супорандагони ин намуди андоз ба ҳисоб меравандд?**

- Андоз аз воситаҳои нақлёт андози маҳаллӣ буда, бо Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст ва он бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо мавриди амал қарор дода мешавад.

Супорандагони андоз аз воситаҳои нақлиёт шахсоне мебошанд, ки соҳиб ва (ё) истифодабарандаи воситаҳои нақлиёти дорои объекти андозбандианд.

**- Ба объектҳои андозбандии воситаҳои нақлиёт чиҳо дохил мешаванд?**

- Объектҳои андозбандӣ воситаҳои нақлиёт, мошинҳо ва механизмҳои худгард, воситаҳои шинокунанда ва локомотивҳои дар роҳи оҳан истифодашаванда ба ҳисоб мераванд, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд ва (ё) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шаванд.

**- Агар воситаи нақлиёт аз бақайдгирии давлатӣ нагузашта бошад ё вайрон ё бо дигар сабабҳо истифода нагардад, аз он андоз супорида мешавад?**

- Нагузаронидани бақайдгирии давлатӣ, инчунин, вайрон ё бо дигар сабабҳо истифода нагардидани воситаҳои нақлиёт, барои аз ҷониби соҳибони чунин воситаҳои нақлиёт напардохтани маблағи андози пардохтшаванда асос шуда наметавонад.

***Мисол.*** *Шаҳрванд А. соҳиби 2 адад воситаи нақлиёти субукрав мебошад. Аз ин 1 ададаш истифода мегардад. Воситаи нақлиёти дигар бо сабабҳои техникӣ ва ё бо дигар сабабҳо истифода нагардидааст.*

*Дар ин ҳолат Шаҳрванд А.-ро зарур аст, ки на аз 1 адад воситаи нақлиёти истифодашаванда, балки аз 2 адад воситаи нақлиёти дар ихтиёрбудааш андоз аз воситаҳои нақлиёт ҳисоб ва ба буҷет пардохт намояд.*

**- Манбаъи андоз аз воситаҳои нақлиёт чӣ ба ҳисоб меравад?**

- Барои воситаи нақлиёти худгард иқтидори муҳаррик, ки бо воҳидҳои қувваи асп ифода ёфтааст, манбаи андоз ба ҳисоб меравад.

Меъёрҳои андоз барои воситаҳои нақлиёт ва (ё) мошинҳо ва механизмҳои худгард барои як сол ба андозаи зерин муқаррар карда мешаванд (ба ҳисоби 1 қувваи аспи иқтидори муҳаррик). *Нигаред ба ҷадвал.*

| Номи объектҳои андозбандӣ | Меъёри андоз бо фоиз нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
|---|---|
| Мотосикл ва мотороллерҳо | 2,5 |
| Автомобилҳои сабукрав: | |
| - то 250 қувваи асп | 7,5 |
| - аз 250 то 300 қувваи асп | 10 |
| - аз 300 то 350 қувваи асп | 12 |
| - зиёда аз 350 қувваи асп | 15 |
| Автобусҳо: | |
| то 12 ҷой; | 7,5 |
| барои 13-30 ҷой; | 8,5 |
| зиёда аз 30 ҷой. | 9,5 |
| Автомобилҳои боркаш ва дигар воситаҳои нақлиёти иқтидори борбардориашон: | |
| - то 10 тонна; | 11 |
| - аз 10 то 20 тонна; | 12,5 |
| - аз 20 то 40 тонна; | 13,5 |
| - зиёда аз 40 тонна. | 14,5 |
| Тракторҳо, воситаҳои нақлиёти муҳаррикдор барои сохтмон, ба истисноӣ дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда | 2 |
| Заврақҳо, киштиҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти худгарди шинокунанда | 15 |
| Локомотивҳои дар роҳи оҳан истифодашаванда | 1 |

***Мисол.*** *Агар воситаи нақлиёти сабукрав дорои 130 қувваи асп бошад, меъёри андоз 7,5 фоиз нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо пешбинӣ шудааст. Ҳамин тавр:*

*1. 58*7,5%=4,35 сомонӣ барои 1 қувваи асп.*

*2. 4,35*130=565,5 сомонӣ.*

*Яъне андоз аз воситаи нақлиёт барои як сол 565,5 сомониро ташкил медиҳад.*

**- Оё дар Кодекси андоз озод кардан аз андоз аз воситаҳои нақлиёт пешбинӣ шудааст?**

- Бале, дар Кодекси андоз нақлёти зерин аз пардохти андоз аз воситаҳои нақлёт озод пешбинӣ шудааст:

- тракторҳои дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда, комбайнҳои муҳаррикдори ғалладаравӣ ва махсус, аз ҷумла комбайнҳои пахтачинӣ;

- автобусҳо ва троллейбусҳое, ки корхонаҳои нақлиёти автомобилии истифодаи умум барои мусофиркашонӣ дар шаҳрҳо истифода менамоянд;

- воситаҳои нақлиёти тиббии махсус;

- воситаҳои нақлиёти ҳарбии махсус ва техникаи ҳарбии махсуси ба ҳисоб гирифташуда;

- як автомобили (мотоколяскаи) ба маъюб тааллуқдоштаи бо даст идорашаванда;

-нақлиёти саноатии роҳи оҳан (ба истисноӣ локомотивҳо);

- як автомобил, новобаста ба иқтидори муҳаррик, ки моликияти Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни дигар амалиётҳои ҳарбӣ оид ба муҳофизати Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ, аз ҷумлаи хизматчиёни ҳарбие, ки дар қисмҳои ҳарбӣ, ситодҳо ва муассисаҳои ба ҳайати артиши амалкунанда шомилбуда хизмат кардаанд, ҷанговарони интернатсионалист, иштирокчиёни бархамдиҳии оқибатҳои фалокати Неругоҳи барқи атомии Чернобил мебошад ва дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешавад.

**Мусоҳиб**
**Лутфия ҲАМИДОВА**

**Яке аз самтҳои афзалиятнок ва самарабахши фаъолияти мақомоти андози мамлакат ба роҳ мондани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ ба андозсупорандагон мебошад, ки ба ин самти фаъолият аз ҷониби роҳбарияти мақомоти андоз диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Дар робита ба ин, пайваста аз ҷониби мутахассисони соҳа дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ бо андозсупорандагон семинар-машварату вохӯриҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешаванд.**

# Тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ



Аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳудудии андоз дар соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон 3440 семинар – машварат ва вохӯриҳо баргузор шудаанд. Ҳадаф аз барпо намудани чунин семинар-машваратҳо ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби мутахассисони соҳа баланд бардоштани савияи дониши андозсупорандагон ва хизматрасонии мақомоти андози мамлакат ба шаҳрвандон мебошад. Бояд гуфт, ки шаҳрвандон ва андозсупорандагон аз хизматрасонии мақомоти андоз қаноатмандӣ изҳор менамоянд.

Ҷуноне ки муовини сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурмаҳмадиён Ҷамшед мегӯяд, таҷрибаи ҳаррӯзаи маъмурикунонии андоз ва муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон гувоҳӣ медиҳад, ки анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар – машваратҳо, вохӯриҳо, баргузор намудани намоишҳо самти афзалиятноки фаъолияти соҳа боқӣ монда, ба он таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад.

Дар ин давра аз ҷониби мақомоти андоз тавассути шабакаҳои телевизионии давлатӣ, марказҳои иттилоотӣ, сомонаҳои интернетӣ, радио ва рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ, дар маҷмӯъ, 775 барнома, эълон ва мақолаҳои фаҳмондадиҳӣ пахш ва ба табъ расонида шудааст. Дар робита ба ин, оид ба низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди маъмурикунонии андоз, хизматрасониҳои мақомоти андоз, бақайдгирӣ ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба фаъолияти мақомоти андоз бо кормандони як қатор вазорату идораҳо, омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон семинар машваратҳо доир гардиданд.

Ҳамзамон, ҳангоми баргузор намудани семинар-машваратҳо бо андозсупорандагон барои муайян намудани фикру мулоҳизаи соҳибкорон оид ба риояи тартиби гузаронидани назорати камералӣ ва беҳтар намудани сифати он пурсиш гузаронида шуд.

Масъалаи баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба шаҳрвандону андозсупорандагон ва пайваста беҳтар намудани сифати он яке аз масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти Кумитаи андоз ба ҳисоб рафта, бо мақсадҳои зикршуда тавассути сомона, почтаи электронӣ, рақамҳои содакардашудаи телефонии “151, 152” Бахши иттилоотӣ (Контакт-сентр) ва рақами телефони боварии Раиси Кумитаи андоз “233-09-05”қабули муроҷиатҳо ба роҳ монда шудааст.

Дар ин давра ба бахши иттилоотӣ (рақами «151»), дар маҷмӯъ, 34722 муроҷиат оид ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ, хизматрасониҳои мақомоти андоз, тартиби истифодаи барномаҳои компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз, одоби муошират кормандон ва дигар масъалаҳои ҳалталаб ворид гардидааст.

Кормандони мақомоти андоз нақша доранд, ки аз тамоми шароиту имкониятҳои мавҷуда васеъ истифода карда, бо баробари тақвият бахшидан ба корҳои фаҳмондадиҳиву тавзеҳотӣ фарҳанги андозсупории андозсупорандагонро баланд бардоранд ва тамоми кӯшишу ғайрати худро барои иҷрои содиқонаву софдилонаи вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда равона созанд ва дар ин замина дар рушду нумуи иқтисодиёти кишвар ва шукуфоиву ободии Ватани азизамон саҳми арзандаи худро гузоранд.

**М. УСМОНОВА,**

**корманди Бахши робита бо ВАО-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Мақсад: таъмини воридоти андозҳо



**Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе якҷоя бо нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳр бо мақсади пешгирӣ аз қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти сариваҷтии маблағи андозҳо ба буҷет фаъолияташонро самаранок ба роҳ мондаанд.**

Тавре сардори шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе А. Бобохонзода мегӯяд, дар давоми соли 2019 кормандони гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ якҷоя бо кормандони нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳр дар асоси 48 адад Амрнома санҷишҳои амалиётӣ гузаронидаанд, ки аз ин 2 адад ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, 7 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур, 17 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 15 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ва 7 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино рост меояд. Ҳамчунин, фаъолияти 1341 нафар андозсупоранда мавриди корҳои назоратӣ қарор дода шудааст. Яъне дар ин давра дар фаъолияти 122 нафар аз ҷониби Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, 366 нафар аз ҷониби Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур, 222 нафар аз тарафи Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 438 нафар аз ҷониби Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ва 193 нафар аз тарафи Нозироти андоз дар ноҳияи Сино корҳои назоратӣ гузаронида шудаанд.

Мутобиқи маълумот Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андози ноҳияҳои пойтахт ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ ва воситаҳои нақлиёт дар умум 1086 нафар шахси воқеиро, ки худро дар ҷайди нозиротҳои андоз нагузоштаанд, муайян намудаанд. Дар натиҷа, 1 нафар шахси ҳуқуқӣ, 69 нафар соҳибкор бо шаҳодатнома ва 1016 нафари дигар бо патент таъмин гардиданд. Аз ин шумора 31 нафар ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, 48 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур, 27 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 155 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ва 825 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино тааллуқ дорад.

Ба ғайр аз ин, дар ин давра, нисбат ба 476 нафар андозсупоранда (бо дарназардошти нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе) барои қонунвайронкуниҳои андоз ба маблағи умумии 1134191 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 19 адад ва маблағи ҷаримаҳо 523,6 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Аз ин шумора 71 адад протокол ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ба маблағи 376915 сомонӣ, Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур ба маблағи 271731 сомонӣ, 117 адад, Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба маблағи 122205 сомонӣ, 75 адад, Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ба маблағи 178415 сомонӣ, 85 адад ва Нозироти андоз дар ноҳияи Сино ба маблағи 184925 сомонӣ, 128 адад протокол рост меояд.

Дар давоми соли 2019 ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ ва воситаҳои нақлиёт бе дарназардошти маблағи протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ 1734528 сомонӣ андозҳо ҳисоб ва аз ин 1599226 сомонӣ ба буҷет ворид шудааст, ки 92 фоизи маблағи умумиро ташкил медиҳад. Бо дарназардошти маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ 2733417 сомонӣ ҳисоб ва ба буҷет пардохт гардидааст.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Амстердам ввел новый налог для туристов

**С 2020 года туристы в Амстердаме будут платить за каждую ночь пребывания дополнительно по 3 евро, сообщает газета The Telegraph.**



Администрация ввела налог с 1 января как дополнение к уже существующей ставке в 7 процентов от стоимости жилья. При этом туристы, которые выбирают бронирование через Airbnb, теперь будут вынуждены платить за ночь до 10 процентов больше.

Между тем каждый год в Амстердам, в котором постоянно проживают 1,1 миллиона человек, приезжают 17 миллионов туристов. В этой связи власти решили отойти от прежней стратегии массового привлечения гостей. В официальном документе говорится, что пришло время заняться менеджментом туристических потоков.

**Источник: https://rg.ru**

# Гузариши соҳибкорон чӣ гуна ҷараён дорад?

**Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017, №45 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31 августи соли 2012, №451 тағйиру иловаҳо ворид гардида буд. Аз ҷумла, тибқи тағйиру иловаҳои воридшуда баъзе аз номгӯи намудҳои фаъолият хориҷ ва дар таҳрири нав қабул шуданд, ки зарурати гузаштани азнавбақайдгирии соҳибкорони бо патент фаъолияткунандаро ба миён овард.**

Ёдовар мешавем, ки тағйироти воридшуда, пеш аз ҳама, аз дастгирии навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳибкорони мамлакат шаҳодат медиҳад. Бо дарназардошти дар таҳрири нав қабул гардидани номгӯи намудҳои фаъолияти дар гурӯҳҳои 9 (“Фурӯши молҳои омехтаи ниёзи мардум ва маҳсулоти хӯрокворӣ дар растаҳои ғайристатсионарӣ”) ва 10 (“Фурӯши молҳои омехта дар нуқтаҳо ва биноҳои алоҳидаи статсионарӣ (ба истиснои техникаи маишӣ ва телефонҳои мобилӣ, бе тақсимоти дохили биноҳои калон ба якчанд нуқтаҳои савдо)”) пешбинигардида, ки шумораи онҳо, дар маҷмӯъ, 40 980 нафар ё 38,9 фоизи шумораи умумии соҳибкорони амалкунандаро ташкил медод, мутаассифона, гузариши соҳибкорон дар сатҳи зурурӣ таъмин нагардид.

Мутобиқи маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар миқёси ҷумҳурӣ шумораи умумии соҳибкороне, ки фаъолияти худро дар асоси патент ба роҳ мондаанд ва азнавбақайдгирии давлатиро гузаштаанд (бо дарназардошти субъектҳое, ки аз рӯи гурӯҳҳои мазкур фаъолиятҳои худро қатъ кардаанд ва ба дигар гурӯҳҳо гузаштанд), 35070 нафар ё 92,0 фоизро ташкил медиҳад, ҳамчунин, тафовути шумораи соҳибкороне, ки азнавбақайдгирии давлатиро нагузаштаанд, ба 2248 нафар баробар мебошад.

Нишондиҳандаи гузариши соҳибкорон аз рӯи гурӯҳҳои мазкур бо дарназардошти соҳибкороне, ки фаъолияти худро қатъ кардаанд ва ба дигар гурӯҳҳо гузаштаанд, дар ин давра дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 73,2 фоиз, вилояти Суғд 97,4 фоиз, вилояти Хатлон 91,0 фоиз, шаҳри Душанбе 88,0 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 92,2 фоизро ташкил медиҳад, ки ин нишондод дар баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз аз ин ҳам пасттар мебошад.

Нишондиҳандаи шумораи бештари соҳибкороне, ки азнавбақайдгирии давлатиро нагузаштаанд (аз 10 нафар зиёд), дар вилояти Хатлон - шаҳру ноҳияҳои Бохтар 151 нафар, Кушониён 18 нафар, Вахш 54 нафар, Хуросон 13 нафар, Қубодиён 14 нафар, Ҷалолиддини Балхӣ 20 нафар, Абдураҳмони Ҷомӣ 14 нафар, Ҷайҳун 11 нафар, Панҷ 43 нафар, Шаҳритуз 62 нафар, Ёвон 16 нафар, Кӯлоб 104 нафар, Восеъ 41 нафар, Ҳамадонӣ 42 нафар, Фархор 17 нафар, Данғара 58 нафар, дар вилояти Суғд - шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 29 нафар, Панҷакент 32 нафар, Истаравшан 28 нафар, Ашт 26 нафар, Спитамен 10 нафар, Бобоҷон Ғафуров 81 нафар, дар шаҳри Душанбе - ноҳияҳои Шоҳмансур 25 нафар, Фирдавсӣ 899 нафар, Сино 67 нафар ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - Ваҳдат 113 нафар, Турсунзода 68 нафар, Ҳисор 32 нафар ва Рӯдакӣ 59 нафарро ташкил медиҳад.

Қобили зикр аст, ки бо ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дарназардошти мутобиқ кардани фаъолияти соҳибкорон ба талаботи нави қарори мазкур маъмурикунонии он беҳтар гардида, маблағҳои ҳисобшудаи соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда дар соли 2017 нисбат ба соли 2016 дар ҳаҷми 17,4 млн. сомонӣ ё 14,2 фоиз ва дар соли 2019 нисбат ба соли 2016 дар ҳаҷми 36,2 млн. сомонӣ ё 121,1 фоиз, дар маҷмӯъ, афзоиш ёфтааст ва маблағҳои воридшуда ба буҷет дар соли 2019 нисбат ба соли 2016, дар маҷмӯъ, 38,4 млн. сомонӣ ё 122,6 фоиз зиёд шудааст.

Вобаста ба ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тамоми соҳибкороне, ки то ин замон фаъолияти худро ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31 августи соли 2012, №451 мутобиқ накардаанд, даъват ба амал меорад, ки фаъолияти худро ба талаботи қонунгузории андоз мутобиқ намоянд. Ғайр аз ин, дар мавриди анҷом надодани фаъолият бо мақсади минбаъд зиёд нагардидани маблағҳои патент ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирӣ муроҷиат намуда, фаъолияти худро аз рӯи патент расман қатъ кунанд.

**Т. ЗИКРУЛЛОЗОДА**

**Дар мақомоти ҳудудии андоз бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз ҳисоби ба иҷора додани молу мулки ғайриманқул, пурра ба ҳисоб гирифтани объектҳои молу мулки манқул ва ғайриманқули аз ҷониби шахсони воқеӣ ба иҷорадодашуда, инчунин, оид ба сари вақт ва дуруст дарҷ намудани маблағҳои ҳисобшавандаи андоз аз даромад дар ҳисобварақаи андозсупорандагон, модули алоҳидаи барномаи компютерӣ таҳия ва мавриди истифода қарор гирифтааст.**

# Маъмурикунонии андоз аз даромад аз ҳисоби иҷораи молу мулк



Бо дарназардошти тағйир ёфтани маблағи иҷорапулӣ, масоҳати объекти баиҷорадодашуда, мақомоти ҳудудии андозро зарурат пеш омадааст, ки шартномаҳои иҷорадиҳандагони молу мулкро ҳамасола ба махзани маълумоти барномаи комютерӣ дохил ва маълумоти иҷорадиҳандагонро дар ин самт мунтазам нав кунанд.

Мутобиқи маълумоти дастрасшуда ба ҳолати 1 январи соли 2020 аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз аз шумораи умумии иҷорадиҳандагони дар қайди мақомоти андозбуда (16862 адад) маълумоти 11956 адад ё 70,9 фоизи иҷорадиҳандагон ба махзани маълумоти барномаи компютерӣ ворид шудааст, ки нуқтаҳои баиҷорадодаи онҳо, дар маҷмӯъ, 17022 ададро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи рафти ворид намудани маълумот ба барномаи компютерӣ барои соли 2019 аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 3601 адад ё 71,7 фоиз, вилояти Хатлон 2083 адад ё 70,9 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 211 адад ё 62,2 фоиз, шаҳри Душанбе 3798 адад ё 79,7 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 2263 адад ё 59,6 фоизро ташкил медиҳад. Нишондоди мазкур дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳо аз ин ҳам пасттар мебошад. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан (79,3%), Истиқлол (64,7%), Бӯстон (72%), Ҷаббор Расулов (43%), Хуҷанд (45,6%), Деваштич (77,4%), Бохтар (54,6%), Вахш (22,8%), Қубодиён (30,1%), Ҷалолиддини Балхӣ (67,5%), Ҷайҳун (34,7%), Носири Хусрав (53,1%) Левакант (78,3%), Шаҳритуз (68,7%), Данғара (44,4%), Шоҳмансур (81,7%), Исмоили Сомонӣ (83,3%), Фирдавсӣ (84,6%), Сино (71,3%), Сангвор (8%), Ваҳдат (56,1%), Варзоб (74,4 %), Лахш (75%), Файзобод (57,3%), Рӯдакӣ (69,8%), Тоҷикобод (58,8%), Турсунзода (36,4%) ва Ҳисор (49,8%) ба назар мерасад.

Дар Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфтанд, ки раванди ворид намудани эъломияҳои андоз аз даромади иҷорадиҳандагони молу мулк низ дар мақомоти ҳудудии андоз дар сатҳи дахлдор қарор надошта, рафти қабули эъломияҳои андоз аз даромад аз ҳисоби иҷорадиҳандагони молу мулк бо ҷамъбасти соли 2019 ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар миқёси ҷумҳурӣ 87,2 фоизро ташкил медиҳад, ки ин нишондод дар ВМКБ 95,9 фоиз, вилояти Суғд 97,5 фоиз, вилояти Хатлон 88,4 фоиз, шаҳри Душанбе 93,8 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 88,3 фоиз мебошад. Аммо чуноне таҳлилҳо нишон додаанд, рафти воридкунии маълумот дар барномаи компютерӣ дар мақомоти ҳудудии андоз дар сатҳи паст қарор дошта, дар ин давра, эъломияҳои андоз аз даромади танҳо 12263 адад ё 83,0 фоизи онҳо ба махзани маълумот ворид шудааст. Ин нишондод дар ВМКБ 39,2 фоиз, вилояти Суғд 97,5 фоиз, вилояти Хатлон 79,3 фоиз, шаҳри Душанбе 88,6 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 62,6 фоиз мебошад.

Дар ин давра аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Сангвор, Роғун, Нуробод, Варзоб, Исфара, Гулистон, Айнӣ, Деваштич, Зафаробод, Мастчоҳ, Шаҳристон, Истиқлол, Панҷ, Ёвон, Норак, Фархор, Муъминобод, Шамсиддин Шоҳин, Ҳамадонӣ, Темурмалик, Балҷувон ва Шуғнон эъломияҳои дар шакли қоғазӣ қаблунамуда барои соли 2018 пурра ба махзани маълумот ворид шудааст.

Бо дарназардошти мавриди истифода қарор додани барномаи алоҳидаи компютерӣ вобаста ба баҳисобгирии шахсони воқеии ба фаъолияти иҷорадиҳии молу мулк машғулбуда, маъмурикунонии он дар мақомоти андоз то дараҷае беҳтар шуда, дар ин самт махзани ягонаи иҷорадиҳандагони молу мулк таҳия гардидааст.

Таҳлилҳои анҷомёфта аз рӯи таъиноти объектҳои ба иҷорадодашуда нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ 2962 адад объект ҳамчун хонаи истиқоматӣ, 11914 адад нуқтаи тиҷоратӣ ва 2130 адад дигар объектҳои молу мулк аз тарафи шахсони воқеӣ ба иҷора дода шудаанд. Шумораи умумии нуқтаҳои баиҷорадодашуда, дар маҷмӯъ, 17022 ададро ташкил медиҳад ва маблағи миёнаи иҷорапулӣ барои 1 метри мураббаъ аз рӯи ҳамаи объектҳои баиҷорадодашуда дар ҷумҳурӣ ба 28,9 сомонӣ баробар мебошад.

Нишондиҳандаи маблағи миёнаи иҷорапулӣ ба як метри мураббаъ аз рӯи ҳамаи объектҳои баиҷорадодашуда дар ВМКБ ба 13,8 сомонӣ, вилояти Суғд 12,9 сомонӣ, вилояти Хатлон 12,3 сомонӣ, шаҳри Душанбе 60,9 сомонӣ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, ба 14,7 сомонӣ баробар аст.

Ҳамзамон, таҳлили махзани маълумоти Кумитаи андоз аз рӯи объектҳои бақайдгирифташуда дар барномаи компютерӣ нишон дод, ки дар шаҳру ноҳияҳои Нуробод, Тоҷикобод, Варзоб, Деваштич, Зафаробод, Ҷаббор Расулов, Шаҳристон, Истиқлол, Ховалинг, Шамсиддин Шоҳин, Носири Хусрав, Хоруғ ва Ванҷ ягон адад объекти иҷораи молу мулк ба сифати хонаи истиқоматӣ ба қайд гирифта нашудааст, ки ҳолати мазкур воқеиятро инъикос наменамояд.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти камбудиҳои ҷойдошта ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани назорат ва ташкили махзани ягонаи иҷорадиҳандагони молу мулк ва назорати минбаъда, мақомоти ҳудудии андозро вазифадор кардааст, ки бақайдгирӣ ва азқайдбарории иҷорадиҳандагони молу мулкро тибқи барномаи компютерӣ ба роҳ монда, воридоти маблағи андозҳоро аз ин ҳисоб зери назорат қарор диҳанд ва барои таъмини пурраи эъломияҳои шахсони воқеие, ки молу мулки худро ба иҷора додаанд, чораҳои иловагӣ андешанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Муаммоҳои андозбандии амалиёти ташкилотҳои қарзии исломӣ

**Низоми андози як кишвар аз кишвари дигар фарқ дорад. Аксарияти кишварҳо низоми андозбандии корхонаҳо ва шахсони воқеӣ доранд, ки ба воситаи он фоидаи соҳибкорӣ ва даромад аз сармоягузориро андозбандӣ намуда, ҳамзамон, ҳангоми ҳисоб кардани манбаи андозбандӣ барои баъзе хароҷот тарҳҳо иҷозат дода мешавад.**

Дар умум низомҳои андозбандӣ дар чорчӯбаи амалиётҳои молиявии анъанавӣ таҳия ва рушд намуда, дар он унсурҳои иқтисодии молияи исломӣ камтар ҷой дорад ва бинобар ин, ҳангоми истифодаи амалиётҳои бонкҳои исломӣ ба чунин низомҳои андоз ҳалли масъалаҳои гуногунро ба миён меорад. Ҳоло дар беш аз 60 кишвари олам бонкҳои исломӣ фаъолият доранд ва дар соли 2016 ҳаҷми умумии дороиҳои бонкҳои исломӣ қариб 2 трлн. доллари ИМА–ро ташкил додаанд. Бонкдории исломӣ дорои хусусиятҳои хоси аз бонкдории анъанавӣ фарққунанда дошта, маҳаки он манъи гирифтани фоизи устувор барои додани қарз (пул) мебошад.

Яке аз омилҳои фарққунандаи як низоми андоз аз низоми дигар дар он аст, ки дар яке нисбатан таваҷҷуҳи бештар ба «шакл», яъне чӣ тавр амалиёт аз нигоҳи қонунгузорӣ арзёбӣ мегардад ва дигар ба «моҳият», яъне ба моҳияти иқтисодии амалиёт таваҷҷуҳи бештар карда мешавад. Вале низоми андозе, ки танҳо ба яке аз ин омилҳо асос ёфта бошад, мавҷуд нест ва бисёри кишварҳо дар низоми андози худ аз ҳар ду ин омил истифода менамоянд.

Барои дарк кардани ин омилҳо метавон ширкатҳои ба ном “якрӯза”-ро мисол овард. Ширкатҳои ба ном “якрӯза” бо риояи талаботи қонунгузорӣ аз қайди давлатӣ гузашта, бо суистифода аз муқаррароти қонунгузорӣ барои ширкатҳои алоҳида механизми хароҷотӣ сохта ё ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) тартиб медиҳанд, ки мақсади ҳамаи ин канорагирӣ аз андозбандӣ мебошад. Барои пешгирӣ аз чунин амалиёт дар низоми андозбандӣ бештар омили моҳияти иқтисодӣ ба кор бурда мешавад. Аз ҷумла мувофиқи қисми 3 модди 23 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дуруст муайян намудани уҳдадориҳои андоз мақомоти андоз ҳуқуқ дорад амалиётеро, ки барои андозсупоранда моҳияти назарраси иқтисодӣ надоранд, ба эътибор нагиранд.

Чуноне, ки баён гардид, бонкдории исломӣ ба чунин низомҳои андозбандӣ ҳалли масъалаҳои гуногунро ба миён меорад ва яке аз роҳҳои ҳалли масъалаҳои андозбандии он бештар таваҷҷуҳ намудан ба омили “моҳият”-и амалиётҳои бонкдории исломӣ метавонад бошад. Аммо, новобаста аз ин, ворид намудани тағйирот ба қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, зеро низоми андози кишвари мо, асосан, дар омили «шакл» сохта шудааст.

Дар низоми андоз истифодаи васеътари омили “моҳият” имконият медиҳад, ки даромадҳои иқтисодӣ андозбандӣ гардида, ба хароҷоти молиявӣ, иқтисодӣ, тарҳи андозӣ пешбинӣ шаванд ва зарурати ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ камтар гардад. Бо ин мақсад, сохтори амалиётҳои муробаҳа ва таварруқи бонкдории исломӣ ва масъалаҳои умумии андозии онҳо баррасӣ карда мешаванд.




Дар нақшаи мазкур амалиёти содаи муробаҳа оварда шудааст. Мизоҷ мехоҳад таҷҳизот барои истеҳсоли мол дошта бошад, вале имконияти молӣ надорад, ки онро харидорӣ намояд. Ба ҷои мизоҷ бонк таҷҳизотро ба маблағи 1000 сомонӣ харидорӣ мекунад ва онро ба маблағи 1100 сомонӣ бо таъхири пардохт ба муҳлати як сол ба мизоҷ мефурӯшад. Мизоҷ бо арзиши 1000 сомонӣ дарҳол соҳиби таҷҳизот шуда, ҳамзамон уҳдадор аст, ки дар муҳлати як сол 1100 сомонӣ ба бонк пардохт кунад. Ин 100 сомонии иловагие, ки мизоҷ пардохт мекунад, аз нигоҳи иқтисодӣ арзиши маблағгузорӣ ё комиссия аст. Вале аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба маблағи 1000 сомонӣ фурӯши таҷҳизот ба бонк як фурӯш ва минбаъд аз ҷониби бонк ба маблағи 1100 сомонӣ фурӯши хамин таҷҳизот ба мизоҷ бо таъхири пардохт ба муҳлати як сол фурӯши ҷудогонаи дигар ба ҳисоб меравад.

Амалиёти муробаҳа яке аз шаклҳои нахустинест, ки барои хариди амволи ғайриманқул низ истифода мегардад, ки ҷойивазкунандаи ипотекаи бонкҳои анъанавӣ мебошад. Андозбандии ипотекаи бонкҳои анъанавӣ ҳангоми мизоҷ амволи ғайриманқулро аз шахси сеюм (новобаста аз он ки маблағҳои худ ё бонкро истифода менамояд) як маротиба сурат мегирад.

Ҳамзамон, бо ин мақсад агар амалиёти муробаҳаи бонки исломӣ истифода гардад, ба эҳтимоли калон андозбандии дукаратаро ба миён меорад. Зеро ҳангоми анҷом додани амалиёти ипотекӣ тавассути муробаҳа ду хариди ҷудогонаи як моликият анҷом меёбад, якум бонк аз шахси сеюм барои фурӯши амволи ғайриманқул ва дигар, вақте ки мизоҷ ҳамин амволро аз бонк бо нархи баландтар харидорӣ менамояд.

Аз нигоҳи андозбандӣ тибқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалиёти овардашудаи муробаҳа, фурӯши таҷҳизот ба бонк даромади фурӯшанда ва минбаъд аз ҷониби бонк ба мизоҷ ба маблағи 110 сомонӣ фурӯши хамин таҷҳизот бо таъхири пардохт, даромади бонк ба шумор рафта, масъалаҳои андозбандии андоз аз фоида, ААИ ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгардро ба миён меорад.




Таварруқ ҳангоме амалӣ мегардад, ки мизоҷ эҳтиёҷ ба пул дорад ва бонки исломӣ мехоҳад бе эҷоди қарзи суднок вайро бо пул таъмин намояд. Бо ин мақсад бонки исломӣ молеро мехарад, ки хеле сода бо каме даромаднокӣ фурӯхта мешавад. Мисоли одӣ, хариди як миқдор мис дар бозори металлҳои қиматнок шуда метавонад. Бонк бефосила бо пардохти 1000 сомонӣ мисро мехарад ва ҳуқуқи соҳибмулкиро ба мизоҷ бо нархи 1100 сомонӣ бо таъхиргузории пардохти маблағ ба муҳалати як сол медиҳад. Мизоҷ ҳуқуқ дорад дарҳол мисро бо арзиши 1000 сомонӣ фурӯшад ва ба ин восита соҳиби 1000 сомонии нақде мешавад, ки бонки исломӣ барои хариди мол харҷ намуда буд ва уҳдадор мешавад, ки дар давоми як сол 1100 сомонӣ ба бонки исломӣ пардохт намояд. Ин 100 сомонии иловагӣ аз нигоҳи иқтисодӣ арзиши маблағгузорӣ мебошад.

Дар амалиёти таварруқ чандин масъалаҳои андозбандӣ ба миён меояд. Аввал, дар амалиёти мазкур бо мақсади дастрасии мизоҷ ба пул як мол се маротиба фурӯхта мешавад ва аз нигоҳи андозбандӣ манбаи андоз аз фоида, ААИ ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгардро ба миён меорад.

Аз ҷумла тибқи моддаи 106 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти андозбандии андоз аз фоида барои резидент даромади умумие мебошад, ки ба маблағи тарҳҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур кам карда мешавад. Тибқи қисми 2 моддаи мазкури Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон даромади умумӣ аз даромадҳо, подошпулиҳо ва манфиатҳои андозсупоранда дар шакли пулӣ ва моддӣ (ғайримоддӣ), аз ҷумла тамоми воридоте, ки боиси афзоиши дороиҳои софи андозсупоранда мегардад, ба истиснои воридоте, ки аз андоз аз фоида озод аст, иборат мебошад. Яъне дар навбати аввал тибқи моддаи 157 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, бонки исломӣ аз даромади умумие, ки аз фурӯш (1100 сомонӣ) гирифтааст, бо меъёри 1% пардохти ҷории андоз аз фоида ва аз хароҷоте, ки вобаста ба харид анҷом додааст, бо меъёри 1% андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгардро (талаботи боби 37 КА ҶТ) ҳисоб ва ба буҷети дахлдор пардохт мекунад. Илова бар ин, тибқи моддаи 164 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиёти муробаҳа ва таварруқ манбаи андоз аз арзиши иловашуда ҳисобида шуда, бо меъёри 18% мавриди андозбандӣ қарор мегирад.

Ҳамчунин, яке аз масъалаҳо ҳуқуқи тарҳи ҳароҷоти мизоҷ вобаста аз ҳисоб ва пардохти андоз аз фоида мебошад. Мизоҷ миқдори мисро ба маблағи 1100 сомонӣ бо таъхири пардохт ба муҳлати як сол харидорӣ намуд ва онро ба маблағи 1000 сомонӣ, ки пардохташ билфосила сурат мегирад, фурӯхт. Мутаносибан мизоҷ ба маблағи 100 сомонӣ зарар дид ва акнун савол ба миён меояд, ки мизоҷ ҳуқуқи тарҳи хароҷоти вобаста ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз фоидаро дорад?

Агар низоми андози кишвари марбута амалиёти мазкурро аз нигоҳи иқтисодӣ арзёбӣ кунад, пас возеҳ аст, ки мизоҷ зуд имкони истифодаи 1000 сомониро бар ивази пардохти 1100 сомонӣ ба муҳлати як сол пайдо мекунад. Ин 100 сомонии иловагӣ ҳамчун хароҷоти молиявӣ ҳисобида мешавад ва хароҷоти тарҳшаванда мебошад, он гунае ки барои пардохти фоиз ба бонкҳои анъанавӣ имкони тарҳ бо мақсадҳои андоз аз фоида иҷозат дода шудааст. Ҳамзамон, низоми андози баъзе кишварҳо амалиёти дар боло зикргардидаро чуноне ки баён шуд, тасниф намекунанд, аз ҷумла дар кишвари мо.

Аз нигоҳи қонунгузорӣ мизоҷ мисро ба маблағи 1100 сомонӣ харидорӣ намуд ва баъд онро билфосила бо пардохти 1000 сомонӣ фурӯхт. Мутаносибан аз харид ва аз нав фурӯхтани мис мизоҷ зарар мебинад ва тибқи боби 18 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мизоҷ ҳуқуқи тарҳи ин хароҷотро дорад, зеро хароҷоти мазкур ба гирифтани даромади мизоҷ мансуб аст.

Вале, чун фаъолияти соҳибкорӣ, дар маҷмӯъ, аз ҳар як амалиёт мақсади гирифтани фоидаро дорад, аз ин лиҳоз, бо мақсадҳои андоз аз фоида чунин зарар метавонад тарҳ карда нашавад. Барои мисол, мувофиқи моддаи 23 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон агар шакли амалиёт (аҳд) ба мазмунаш мутобиқат накунад, мақомоти андоз ҳуқуқ доранд мувофиқи вазъи воқеӣ онро тағйир диҳанд ё аз нав муайян кунанд, ҳамчунин мувофиқи моддаи 24 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти андоз нархи бозориро ҳангоме, ки нархи иштирокчиёни аҳд аз нархҳои аҳдҳои вобаста ба молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) шабеҳ (якхела) зиёда аз 15 фоиз фарқ кунад, татбиқ мекунад.

Дар қиёс ба ин бонки анъанавӣ, ки танҳо ба мизоҷ бар ивази пардохти фоиз, қарз (пул) медиҳад ва ба хариду фурӯш ва то андозае ба натиҷаи фаъолияти вай бастагӣ надорад, нисбат ба бонки исломӣ ҳолати афзалиятнок пайдо мекунад. Илова бар ин, мувофиқи сархати чоруми зербанди б) қисми 6 Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз фоида» (фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 07.12.2012, №14-ф тасдиқ шуда, дар Вазорати адлия санаи 17 январи соли 2013, №632 «а» ба қайди давлатӣ гирифта шудааст) гирифтани маблағи асосии қарз ҳамчун даромади умумӣ эътироф карда намешавад, тибқи қисми 4 моддаи 251 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзҳои додашавандаи ташкилотҳои қарзӣ ба манбаи андоз инҳо дохил карда намешаванд ва тибқи банди 2, қисми 2 моддаи 169 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасониҳои алоҳидаи молиявӣ бар ивази подошпулӣ ААИ озод мебошанд. Яъне, бонки анъанавӣ танҳо аз 100 сомонии даромади фоизии гирифтааш андоз аз фоида пардохт мекунад ва ин бонки исломиро дар қиёс ба бонки анъанвӣ дар ҳолати ғайрирақобатпазирӣ мегузорад.

Бинобар ин, аз нигоҳи мо, дар чунин вазъ баҳри ҳалли масъалаҳои андозбандии ташкилотҳои қарзии исломӣ ва баробар кардани шароити фаъолият дар бозори молиявӣ бо бонкҳои анъанавӣ ду роҳи ҳалли масълаҳои зикргардида мавҷуд аст:

**Якум:** Дар доираи қонунгузории амалкунанда дарёфти роҳҳо ҷиҳати фароҳам овардани шароити якхелаи фаъолияти бонкҳои исломӣ бо бонкҳои анъанавӣ.

**Дуюм:** Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Собир ВАЗИРОВ,**

**сардори шуъбаи Раёсати такмили қонунгузории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Чораандешӣ бахри коҳиши қарзи андоз

**Бақияи қарзи андози андозсупорандагон дар кишвар ҳанӯз ҳам яке аз масъалаҳои ташвишовар боқӣ мондааст. Мақомоти андоз ҷиҳати кам кардани бақияи қарзи андозҳо ва пешгирӣ аз афзоиши он, тибқи муқаррароти қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба андоз корҳои зарурӣро анҷом дода истодаанд.**

Тавре сардори шуъбаи Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев хабар дод, ба ҳолати 1 январи соли 2020 (бе дарназардошти ВМКБ) маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда (бо дарназардошти изофапулиҳо) 38,6 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Тибқи иттилои номбурда, маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони дар асоси патент фаъолияткунанда бе дарназардошти изофапулиҳои андоз дар мақомоти ҳудудии андоз 53,3 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин 10,0 млн. сомонӣ ё 18,7 фоизи он ба вилояти Суғд, 13,5 млн. сомонӣ ё 25,3 фоиз ба вилояти Хатлон, 20,7 млн. сомонӣ ё 38,8 фоиз ба шаҳри Душанбе ва 9,0 млн. сомонӣ ё 16,8 фоиз ба нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

Аз шумораи умумии соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда (105371) дар микёси ҷумҳурӣ 26681 нафар ё 25,3 фоизи соҳибкорон дар назди буҷет қарздор буда, ин нишондод дар вилояти Хатлон 7500 нафар ё 28,5 фоиз, вилояти Суғд 6038 нафар ё 17,0 фоиз, шаҳри Душанде 8132 нафар ё 32,7 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 5011 нафар ё 30,2 фоизро ташкил медиҳад.

Таҳлилҳо нишон додаанд, ки ҳарчанд шумораи соҳибкорони қарздор дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 дар микёси ҷумҳурӣ ба миқдори 970 нафар ё 3,5 фоиз ва маблағи бақияпулиҳои андоз аз ҳисоби 15 шаҳру ноҳия дар ҳаҷми 515,0 ҳазор сомонӣ кам гардидааст, вале дар ҳолати дигар маблағи бақияпулиҳо дар ҳаҷми 10,5 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Маблағи бақияи қарзи андозҳо дар соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 1510,4 ҳазор сомонӣ ё 14,8 фоиз, вилояти Хатлон 2320,3 ҳазор сомонӣ ё 16,6 фоиз, шаҳри Душанбе 3957,8 ҳазор сомонӣ ё 20,6 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 1851,3 ҳазор сомонӣ ё 20,3 фоиз зиёд шудааст.

Дар натиҷаи амалӣ кардани корҳои таҳлилӣ ва таъкидҳои ҳамарӯзаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра шумораи қарздорон дар семоҳаи чоруми соли 2019 нисбат ба семоҳаи дуюм ва сеюм 1052 нафар кам гардида, ҳамзамон, ҳаҷми бақияпулиҳои андоз аз ҳисоби 23 шаҳру ноҳия, дар маҷмӯъ, 1052,6 ҳазор сомонӣ кам шудааст, вале дар дигар шаҳру ноҳияҳо ҳаҷми бақияпулиҳо дар ҳаҷмҳои гуногун афзоиш ёфтааст.

Собирҷон Исоев бар он назар аст, ки яке аз сабабҳои асосии афзоиш ёфтани бақияпулиҳои андоз аз ҳисоби соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда, агар аз як тараф, аз ҷониби андозсупорандагон сари вақт таъмин нашудани уҳдадориҳои андозӣ бошад, аз сӯи дигар, аз ҷониби масъулон дар сатҳи дахлдор назорат нашудан ва ба роҳ монда нашудани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба пардохти саривақтии маблағи патент ба ҳисоб меравад.

- Сабабҳои дигари афзоиши бақияпулиҳои маблағи патент ин бо дарназардошти тағйиру иловаҳои воридшуда ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 мутобиқ накардани фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи гурӯҳҳои 9 ва 10 номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб мераванд, ки дар натиҷа, маблағҳои патенти онҳо ҳар моҳ афзоиш ёфта истодааст, - мегӯяд С. Исоев.

Ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар мақомоти ҳудудии андоз шумораи соҳибкороне, ки азнавбақайдгирии давлатиро нагузаштаанд, 2248 ададро ташкил карда, аз ин ҳисоб ҳар моҳ ба ҳисоби миёна 586,2 ҳазор сомонӣ бақияпулиҳои қарзи андоз афзоиш меёбад. Маблағи бақияпулиҳои бавуҷудомада дар давраи солҳои 2017-2019 мутаносибан ба 13,5 млн. сомонӣ баробар мебошад, ки ин 25,3 фоизи маблағи умумии бақияпулиҳоро ташкил медиҳад.

Таҳлили бақияи қарзи андози соҳибкорони инфиродии бо патент фаъолияткунанда нишон додааст, ки кор, дар маҷмӯъ, дар самти кам кардани бақияи қарзи андозҳо дар мақомоти ҳудудии андоз дар сатҳи зарурӣ қарор дошта, бо роҳи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва бе татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо рӯёнидани қарзи аксари соҳибкорон ба буҷет имконпазир мебошад.

Чуноне аз таҳлилҳои гузаронидашуда бармеояд, шумораи соҳибкороне, ки бақияи қарзи онҳо то 300 сомониро ташкил медиҳад, 9597 нафар ё 36,0 фоизро ташкил медиҳад ва маблағи қарзи бавуҷудомада аз ҳисоби онҳо, дар маҷмӯъ, ба 1918,2 ҳазор сомонӣ баробар мебошад. Аммо шумораи соҳибкороне, ки бақияи қарзи онҳо аз 300 то 1000 сомониро ташкил медиҳад, 8024 нафар ё 30,1 фоизро ташкил дода, маблағи бақияпулиҳои онҳо, дар маҷмӯъ, ба 4349,6 ҳазор сомонӣ баробар шудааст. Дар баробари ин, танҳо маблағи қарзи патенти 9060 нафар ё 34,0 фоизи соҳибкорон, ки зиёда аз 1000 сомониро ташкил медиҳад, 47,1 млн. сомонӣ мебошад.

Ташвишовар он аст, ки шумораи андозсупорандагоне, ки маблағҳои патенти худро сари вақт ба буҷет пардохт накардаанд, дар мақомоти ҳудудии андоз рӯз аз рӯз афзуда, ин омил ба зиёд гардидани бақияпулиҳо ва соҳибкорони бефаъолият мусоидат карда истодааст. Дар 12 моҳи соли 2019 аз шумораи умумии соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда (88423 нафар) (бе дарназардошти ВМКБ) дар мақомоти ҳудудии андоз 30033 нафар ё 34,0 фоизи соҳибкорон маблағҳои патенти худро ба тариқи афзоянда пардохт накарда истодаанд, ки ҳаҷми бақияпулиҳои аз ин ҳисоб бамиённомада ба ҳисоби миёна 5,4 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи шумораи соҳибкороне, ки маблағҳои патенти худро пардохт накардаанд, ба ҳисоби миёна дар вилояти Суғд 9871 нафар ё 32,9 фоиз, вилояти Хатлон 7220 нафар ё 31,2 фоиз, шаҳри Душанбе 8225 нафар ё 39,2 фоиз ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 4716 нафар ё 32,9 фоизро ташкил медиҳад. Ҳаҷми бақияпулиҳои ба миёномада дар ин давра дар вилояти Суғд мутаносибан 1,8 млн. сомонӣ, вилояти Хатлон 1,2 млн. сомонӣ, шаҳри Душанбе 1,6 млн. сомонӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 765,2 ҳазор сомониро ташкил намудаанд.

С. Исоев, ҳамчунин, гуфт, ки дар ин давра аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба 2224 нафар ё 22,5 фоиз, вилояти Хатлон 1417 нафар ё 19,6 фоиз, нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе 3347 нафар ё 40,6 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 1707 нафар ё 36,4 фоизи шумораи умумии соҳибкороне, ки маблағҳои патенти худро пардохт накардаанд, оид ба пардохти саривақтии маблағҳои қарзи патент огоҳинома дода шудааст.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Патент – шиносномаи соҳибкор

**Дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи амалии муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», ҷиҳати дуруст ба андозбандӣ ҷалб кардани соҳибкорон, хусусан, соҳибкорони дар асоси патент фаъолияткунанда дар 12 моҳи соли 2019 корҳои зиёди таҳлилию назоратӣ анҷом дода шудаанд.**

Бо мақсади ташкили махзани ягонаи маълумот дар самти андозбандии соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда ва ташкили дурусти кор дар ин самт барномаи алоҳидаи компютерӣ таҳия ва дар мақомоти ҳудудии андоз пурра мавриди истифода қарор гирифтааст. Тибқи барномаи таҳияшуда маблағҳои устувори патент ҳар моҳ (ба истиснои моҳи аввали бақайдгирӣ) ба таври автоматӣ ҳисоб гардида, ҳамзамон, маблағҳои пардохтшуда аз ҳисоби ин соҳибкорон бо истифода аз модули компютерӣ ба таври автоматӣ ба ҳисобварақаи андозсупоранда сабт мешавад.

Вобаста ба ин, тибқи маълумоти дастрасшуда аз Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар такя ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар мақомоти ҳудудии андоз 105371 нафар соҳибкори инфиродии бо патент фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шуда, аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 214,5 млн. сомонӣ андозҳо ворид гардидааст. Шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3924 нафар ва маблағи андозҳо ба андозаи 14,2 млн. сомонӣ зиёд ҷамъоварӣ шудааст.

Тибқи иттилои манбаъ, ҳолати бақайдгирии соҳибкорони инфиродӣ аз рӯи патент дар сатҳи зарурӣ қарор надошта, дар баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз шумораи соҳибкорон дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 коҳиш ёфтааст. Аз ҷумла, камшавии шумораи соҳибкорон дар шаҳру ноҳияҳои Рушон 10 нафар, Кӯлоб 14 нафар, Бохтар 51 нафар, Ҷалолиддини Балхӣ 48 нафар, Кушониён 35 нафар, Қубодиён 26 нафар, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Леваканд 4 - нафарӣ, Зафаробод 30 нафар, Ваҳдат 13 нафар, Роғун 4 нафар, Турсунзода 202 нафар, Рашт 13 нафар, Лахш 5 нафар, Тоҷикобод 9 нафар, Варзоб 30 нафарро ташкил медиҳад.

Тибқи таҳлилҳо гарчанде дар 12 моҳи соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 дар микёси ҷумҳурӣ маблағи воридоти андоз аз ҳисоби соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда, дар маҷмӯъ, афзоиш ёфтааст, вале дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳо камшавии воридоти маблағи андоз ба назар мерасад. Аз ҷумла, камшавии воридоти андозҳо дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 340,2 ҳазор сомонӣ, Данғара 134,7 ҳазор сомонӣ, Ховалинг 16,2 ҳазор сомонӣ, Темурмалик 16,2 ҳазор сомонӣ, Дӯстӣ 44,2 ҳазор сомонӣ, Қубодиён 17,1 ҳазор сомонӣ, Кушониён 9,7 ҳазор сомонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ 87,8 ҳазор сомонӣ, Ҷайҳун 345,6 ҳазор сомонӣ, Носири Хусрав 32,3 ҳазор сомонӣ, Хуҷанд 732,4 ҳазор сомонӣ, Гулистон 10,7 ҳазор сомонӣ, Спитамен 111,3 ҳазор сомонӣ, Ашт 116,6 ҳазор сомонӣ, Шоҳмансур 543,7 ҳазор сомонӣ, Исмоили Сомонӣ 358,5 ҳазор сомонӣ, Ваҳдат 753,9 ҳазор сомонӣ, Роғун 22,2 ҳазор сомонӣ, Рашт 232,4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Мутобиқи барномаи компютерӣ дар 12 моҳи соли 2019 маблағҳои ҳисобшудаи патент дар микёси ҷумҳурӣ 213,3 млн. сомониро ташкил дода, дар ин давра пардохти 214,5 млн. сомонӣ ба буҷет таъмин гардидааст, ки ба 100,6 фоиз баробар мебошад. Афзоиши маблағҳои ҳисобшудаи патент нисбат ба соли 2018 –ум 19,7 млн. сомонӣ ё 110,2 фоиз зиёд гардидааст. Афзоиши маблағҳои ҳисобшуда дар ВМКБ 826,3 ҳазор сомонӣ ё 142,1 фоиз, нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе 5,1 млн. сомонӣ ё 110,3 фоиз, вилояти Хатлон 3,1 млн. сомонӣ ё 106,8 фоиз, вилояти Суғд 5,6 млн. сомонӣ ё 112,8 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 8,6 млн. сомонӣ ё 112,8 фоизро ташкил медиҳад.

Қобили зикр аст, ки нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Роғун, Хуросон, Қубодиён, Шаҳритуз, Носири Хусрав ва Ашт маблағҳои ҳисобшудаи андозҳоро дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 дар ҳаҷмҳои гуногун кам гардонданд.

Мутахассисони мақомоти андоз сабабҳои таъмин нагардидани воридоти маблағи пешбининамуда, коҳиш ёфтани шумора ва воридоти маблағи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони бо патент фаъолияткунандаро дар сатҳи зарурӣ иҷро нашудани уҳдадориҳои мансабӣ ва дуруст назорат нашудан ба пардохти саривақтии маблағҳои патент аз ҷониби кормандони масъули мақомоти ҳудудии андоз, ҳамчунин, пурра ба қайд нагирифтани шахсони воқеие, ки бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул мебошанд, маънидод мекунанд.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки назоратро дар фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент амалкунанда пурзӯр намоянд, то ки онҳо фаъолияти соҳибкориашонро сохтакорона қатъ насозанд, ҳамчунин, ба қонуншиканиҳои дигари андозӣ роҳ надиҳанд.

**Т. ЗИКРУЛЛОЗОДА**

# Роҳҳои такмилдиҳии механизми низоми андозситонӣ

**Дар шароити иқтисоди бозорӣ низоми андозбандӣ яке аз фишангҳои асосии иқтисодиёти миллӣ ва танзими низоми молиявӣ ба ҳисоб меравад. Рушди иқтисодиёти кишвар аз дуруст ба роҳ монда шудани низоми андозситонӣ дар корхонаю ташкилотҳо ва соҳибкорӣ вобастагии калон дорад. Сиёсати андоз дар якҷоягӣ бо низоми молиявӣ-буҷетӣ ва пулию қарзӣ қисмати маркази сиёсати молиявии кишвар ба шумор рафта, ҳадафҳои асосии давлат барои ҷалби қисми маҳсулоти ҷамъиятӣ барои эҳтиёҷоти кишвар, муттаҳидсозии воситаҳои пулӣ барои азнавтақсимкунии маблағҳои буҷетӣ бо мақсади пурзӯр намудани сохтори истеҳсолӣ, рушди иқтисодиёти минтақаҳо ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона карда шудааст.**

**Самаранокии амалкарди низоми андозситонӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ аз ҳалли вазифаҳои зерин иборат мебошад:**

- низоми андоз бояд вазифаи фискалӣ-тақсимотии худро тавассути азнавтақсимкунии даромадҳои корхона, ташкилотҳо ва соҳибкорон, инчунин, таъмини захираҳои молиявии даромади буҷети давлатиро дуруст ба роҳ монад, ки он фақат моли иқтисоди бозорӣ бошад;

- низоми андоз бояд чунин амал ва рушд намояд, ки ба фаъолияти истеҳсолӣ, махсусан, фаъолияти иқтисодии кишвар монеъ нашуда, баръакс барои механизми ҳавасмандии иқтисодии он шароит муҳайё намояд;

- низоми андозситонӣ бевосита ба таъмини баробарии адолати иҷтимоии аҳолӣ бояд равона карда шавад;

- мақоми махсусро дар низоми андозситонӣ чораҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва мушаххас будани механизми самаранокии ҷамъоварӣ ва пардохти он (яъне сарфи ками маблағ ҳангоми андозгӯндорӣ ва сари вақт пардохт намудани андозҳо) бояд ишғол намоянд.

Қисмати муҳими идоракунии низоми молияи давлатӣ такмилдиҳии механизми низоми андоз ва андозситонӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи сиёсати андоз, маъмурикунонии андоз ва бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба зиммаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст. Дар ин самт корҳои зиёде анҷом дода шудаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар низоми идоракунии устувори андоз ҷавобгӯ ба талаботи иқтисоди бозорӣ ташкил ва рушд ёфтааст. Яке аз падидаҳои асосии ин низом ташкили равзанаи ягонаи бақайдгирии корхонаю ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродӣ ва амалкарди пардохти электронӣ ва муҳлати бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагиҳои шахси ҳуқуқии хориҷӣ то 5 рӯз ва соҳибкорони инфиродӣ то 3 рӯз бо тартиби электронӣ амалӣ карда мешавад. Ин раванд, пеш аз ҳама, ба пеш бурдани сиёсати оқилонаи андозситонӣ ва ҷамъоварии саривақтии онҳо, идоракунии устувори низоми молиявӣ, афзоиши даромадҳои буҷети давлатӣ, такмили низоми андозбандӣ, шаффофият ва баланд бардоштани самаранокии ҷаъоварии андозҳо мусоидат мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бештар ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон бо мақсади дар шакли замонавӣ ба роҳ мондани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, инчунин, сарфа намудани вақти андозсупорандагон, аз моҳи декабри соли 2017 оғоз намуда, ба марҳалаи нави қабули мурожиати шаҳрвандон ба воситаи Маркази тамос шурӯъ намудааст, ки он имконият медиҳад мурожиати садой бо ду забон дар шакли автоматӣ қабул, коркард ва ба онҳо ҷавоб гардонида шавад. Низоми Маркази тамос дорои функсияҳои тақсимкунии автоматии саволҳо ба бахши қонунгузорӣ, сабти ҳамаи мурожиатҳо, занг задани баргашти автоматӣ, ирсоли огоҳӣ ва таҳияи ҳисобот мебошад.

Аз соли 2015 тартиби истифодабарии ҳисобнома - фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда дар шакли электронӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, ки субъектҳои хоҷагидори дар низоми умумии андозбандӣ фаъолиятдошта метавонанд тавассути барномаи компютерии "Утоқи шахсии андозсупоранда" аз ҳисобнома - фактураҳои электронӣ бе мамониат истифода намоянд.

Инчунин, боҷи гумрукӣ, боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз номгӯи андозҳои Кодекси андози амалкунанда хориҷ ва онҳо бо Кодекси гумрук ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пардохтҳои ҳатмӣ» ва «Дар бораи боҷи давлатӣ» ба танзим даровварда мешаванд. Бо мақсади такмили идоракунии низоми андоз, кам кардани вақт ва хароҷоти соҳибкорон тавассути сода ва сабук намудани расмиёти андозсупорӣ шумораи эъломияҳо аз рӯи андозҳо ва пардохтҳои алоҳида то 40%, ҳисобҳои андозӣ то 60%, ба расмиёт даровардани ҳуҷҷатҳои гумрукӣ то 30% кам карда шудаст.

Умуман, низоми андозситонӣ ин низоми устуворе мебошад, ки дар таъмини самараноки сиёсати молиявӣ, аз он ҷумла сиёсати фискалӣ-тақсимотии буҷети давлатӣ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва дастгириҳои молиявии онҳо, тайёр кардани мутахассисони соҳаи мазкур хизмат намуда, барои рушди устувори кишвар қадами бузург мегузорад. Дар маҷмӯъ, низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳавасмандгардониҳо ва имтиёзҳои андозӣ асос ёфта, барои ҳавасмандгардонии сармоягузорон ва соҳибкорони ватанӣ шароити мусоид фароҳам оварда истодааст.

**Ҷовидон ХАЛИФАЗОДА,**
**омӯзгори ДДМИТ,**
**Хуршед АЗИЗХОҶАЕВ,**
**Улуғбек ҲАЛИМОВ,**
**донишҷӯёни курси 2-юми ДДМИТ**

# Паём – қутбнамои фаъолият

Чи тавре ки маълум аст, ҳамасола Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат ироа мегардад. Паёми навбатии Пешвои миллат роҳнамои асосии фаъолияти тамоми вазорату идораҳои давлатӣ ва муассисаю ташкилотҳо буда, бахри таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон равона карда шудааст. Пешвои миллат дар қатори дигар масъалаҳо, инчунин, ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон диққати махсус дода, зарурати тасдиқ намудани барномаи нави таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандонро таъкид намуданд.

Дар ҷаҳони муосир хатари терроризм ва экстремизм бештар шудааст. Шиддати ин хатару таҳдидҳои ҷаҳонӣ, мутаассифона, имрӯз ташвишовар мебошад. Бинобар ин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ вазифадор шудаанд, ки бо ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва баланд бардоштани донишу малакаи касбӣ, инчунин, бо истифода аз шаклу усулҳои муосир мубориазаро бар зидди терроризм ва экстремизм, ҷоҷоқу муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар қонуншиканиҳо тақвият диҳанд. Дар ин раванд, диққати асосӣ ба пешгирӣ намудани терроризму экстремизм, шомилшавии шаҳрвандони мамлакат, бахусус ҷавонон ба созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ ва ба Ватан баргардонидани шахсони гумроҳшуда равона гардидааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёми худ зикр намуданд, ки дастуру супоришҳо, пеш аз ҳама, ба ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, ҳимояи Истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои халқи тоҷик равона гардида, таҳкими иқтидори иқтисодии мамлакат, фароҳам овардани шароити боз ҳам беҳтари зиндагӣ ва дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштани обрӯи Ватани маҳбубамон — Тоҷикистон вазифаҳои аввалиндараҷаи мо маҳсуб меёбанд.

Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем. Бахусус, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, ҳушёрию зиракии худро бо кор бурда, рӯ ба таърих орем. Аз аслу насаби хеш огоҳ будан барои ҳар як фарди миллат, хусусан, насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад.

**"Мо кӣ будани аҷдоду гузаштагони худро бояд донем, ба онҳо арҷ гузорем ва бо насли ориёӣ, яъне аз ориёитабор будани худ ифтихор кунем"**, - гуфтанд Пешвои миллат ва қайд намуданд, ки шоҳасари Бобоҷон Ғафуров китоби "Тоҷикон" аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда, то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ аз номи Роҳбари давлат ба ҳар як оилаи кишвар тӯҳфа гардад.

Ба андешаи мо, дар шароити кунунӣ, яъне замоне, ки ҳар як фарди ҷомеа ба худшиносӣ ва ҳифзи хотираи таърихии худ беш аз пеш ниёз дорад, чопи ин шоҳасар ва дастраси тамоми мардуми кишвар гардонидани он ба густариши эҳсоси ватандӯстиву ифтихори миллӣ ва болоравии сатҳи маърифатнокии ҷомеаи мо ҳамаҷониба мусоидат хоҳад кард.

**Рухангез СОДИҚОВА,**
**номзади илмҳои филологӣ,**
**Рухшона АМИНҶОНОВА,**
**номзади илмҳои филологӣ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Новый глава ФНС озвучил ключевую задачу работы ведомства



Неизбежность и комфорт - именно эти аспекты должны стать основными составляющими процесса уплаты налогов в России, заявил новый глава Федеральной налоговой службы (ФНС) Даниил Егоров. На этом посту он сменил назначенного главой правительства Михаила Мишустина.

Ключевая задача ФНС не в том, чтобы собрать больше налогов, а в том, чтобы «обелить рынок», сделать налогоплательщика законопослушным и создать удобную модель, отметил Егоров в разговоре с «Ведомостями».

Он рассказал о подходе, который использует в своей работе. «Сначала оцениваешь, кто попадает под регулирование, сколько налогоплательщиков, потом смотришь, соответствует ли предлагаемое регулирование логике их поведения, если соответствует - начинаешь его тестировать на ограниченной группе, чтобы проверить, рабочая модель или нет», - сказал Егоров.

По сути, это моделирование поведения налогоплательщика, уточнил руководитель ФНС. Он назвал такой подход «абсолютно эгоистичным поведением», которое позволяет налоговикам затрачивать меньше сил.

В должности замруководителя ФНС Даниил Егоров в том числе курировал работу по анализу и систематизации применяемых налогоплательщиками способов уклонения от налогов, а также вопросы организации налогового контроля в ходе проведения налоговых проверок крупнейших налогоплательщиков.

Его назначение руководителем ФНС стало первым распоряжением Михаила Мишустина на посту главы правительства.

**Источник: https://rg.ru**

# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

**65 СОМОНӢ**

*нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*



СУРОҒАИ МО:

ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408




## Муҳтарам шаҳрвандон ва андозсупорандагон!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки тибқи тағйиру иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлатӣ" ва "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ", шурӯъ аз 8 январи соли 2020 тамоми амалҳои бақайдгирии давлатӣ, аз ҷумла бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда **РОЙГОН** анҷом дода мешавад.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ «Ошно-2016» (РЯМ 4010005955) воқеъ дар ноҳияи Ёвон, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Парандапарварии Чиртак» (РЯМ 0510008025) воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Кристал-АТТ» (РЯМ 2810004927) воқеъ дар шаҳри Бохтар, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «АДЖУ ТИҶОРАТ» (РЯМ 0210024953) воқеъ дар ноҳияи И.Сомонӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Ширкати Куб» (РЯМ 0410030904) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Кооперативи тиҷоратии «Сафари Ашур» (РЯМ 5810004842) воқеъ дар ноҳияи Мастчоҳ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Кооперативи тиҷоратии «Насриддин-2015» (РМА 580002086) воқеъ дар ноҳияи Мастчоҳ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Нурофарин» (РЯМ 6810003310) воқеъ дар ноҳияи Ашт, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Баҳолов Бахтиер (РЯМ 0430161912) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Юнусов Ҳабибулло (РЯМ 0430123229) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Қобилов Асатулло (РЯМ 5430011107) аз ноҳияи Зафаробод, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳақназаров Зафар (РЯМ 0330124612) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Кулов Музафар (РЯМ 0331208616) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бахтовари Маҳмадсулаймон (РЯМ 0331324611) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Азизов Азизбек (РЯМ 0530186608) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Исматов Гургали (РЯМ 0530130499) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Ҳамроқул» (РЯМ 0530063793) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Гувоҳнома оид ба РМА тахти рақами 2260000290, мутааллиқ ба Кооперативи тиҷорати зотпарварии «Кангурт» аз ноҳияи Темурмалик, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Рафиев Шералӣ (РЯМ 1830051392) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Аламов Лутфулло (РЯМ 1830081908) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шермадов Диловаршо (РЯМ 1830058386) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳимов Сайхомид (РЯМ 1830085419) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарипов Исомидин (РЯМ 2830085895) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Рахимов Абдуқаҳор (РЯМ 2930037578) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Собиров Насимҷон (РЯМ 2830101414) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба Х/Д «Маҳмадзоир» (РЯМ 3430022824) аз ноҳияи Кушониён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирӣ, Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва Гувоҳнома оид ба РМА тахти рақами 020049265 мутаалиқ ба ҶДММ «АДЖУ ТИҶОРАТ» аз ноҳияи И.Сомонӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба ҶДММ «Самти нав» (РМА 190008670) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба Х/Д «Бунёд» (РЯМ 0930148505) аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Маҳмудов Умедҷон (РЯМ 6230037578) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қосимов Набиҷон (РЯМ 6330202075) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Дадобоев Рустам (РЯМ 5130096584) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Назирова Умринса (РЯМ 5730005692) аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Уроқов Чакпаралӣ (РЯМ 5530158563) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Абдуҷаборов Абдухолиқ (РЯМ 5530217486) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Сафаров Абдуманон (РЯМ 5830038015) аз ноҳияи Мастчоҳ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба А/ХД «Қалачаи Калон» (РЯМ 6210003654) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Мӯҳри А/ХД «Қалачаи Калон» (РЯМ 6210003654) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҷумаев Панжи (РЯМ 3030006146) аз ноҳияи Дӯстӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба ХД «Насими Кӯҳсор» (РЯМ 3030017577) аз ноҳияи Дӯстӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Алибеков Бобурбек (РЯМ 0730170614) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сиякова Зарина (РЯМ 0730152555) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бердиназарова Ҳикоятой (РЯМ 0730109710) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии МТМУ № 50 (РЯМ 0710003846) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шодиев Шомил (РЯМ 5230024470) аз ноҳияи Айнӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Имомов Шоҳрух (РЯМ 6830089567) аз ноҳияи Ашт, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Тиллоев Валиҷон (РЯМ 6330148734) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба КТ Х/Д «Фалғар» (РЯМ 5410001887) аз ноҳияи Зафаробод, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шеров Сайдакбар (РЯМ 3730077230) аз ноҳияи Панҷ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

ҶОМЕА

# Терроризм ва экстремизм — вабои аср

Имрӯз яке аз масъалаҳое, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, терроризм ва экстремизм мебошад. Терроризм ва экстремизм мафҳумҳое ҳастанд, ки дар ҷомеаи имрӯза вирди забони ҳама шудаанд.

Албатта, аз таърих хуб огоҳем, ки экстремизм ва терроризм падидаи нав нестанд. Аз аҳди қадим то давраи нав, ҳам одамони алоҳида ва ҳам гурӯҳҳои манфиатҷӯ ба воситаи тарсонидан, таҳдид намудану даҳшатафканӣ мақсадҳои нопоки худро болои дигарон бор менамуданд, ки дар натиҷа, одамони бегуноҳ ҷони худро аз даст медоданд. Ин раванд торафт реша давонида, падида ва хусусиятҳои навро касб намуд.

Олимону муҳаққиқон навъҳои гуногуни терроризм ва экстремизм, аз қабили терроризми сиёсӣ, динӣ, экологӣ, зиддиҷаҳонишавӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ, миллатгароӣ, ҷиноятӣ, технологӣ, биологӣ, кибернетикӣ ва ғайраро муайян карда, ба ин натиҷа расидаанд, ки аз ҳама бештар терроризму экстремизми динӣ ҷаҳони муосирро ба мушкилот гирифтор намудааст. Ба ақидаи аксар сиёсатшиносон низ, экстремизм бештар дар дин, ки хусусияти ҷалбнамоӣ дорад, реша медавонад ва он дар тамоми гӯшаю канори сайёра ба мушоҳида мерасад. Ҳамчунин, ба назар мерасад, ки ифротгароён дар зери шиорҳои динӣ баромад намуда, аз номи дин ҳарф мезананд ва фармонҳои худро аҳкоми динӣ меноманд. Ин, пеш аз ҳама, ба хотири суистифода аз шуури динии мардум равона гардида, ҳеҷ рабте ба арзишҳои динӣ ва аҳкоми он надорад.

Ҳамагон аз сайтҳои интернетӣ ва рӯзномаю маҷаллаҳо хуб огоҳӣ меёбанд, ки дар шароити муосир созмонҳои ғайриқонунӣ, гурӯҳҳои фитнаафкану моҷароҷӯ ва шахсони рӯҳияи террористидошта фаъолияти худро шиддат бахшида, аз роҳу воситаҳои зиддиинсонӣ, зиддиахлоқӣ бо бераҳмии том истифода мекунанд. Авҷи ифротгароӣ ва терроризм ҷомеаи ҷаҳониро ба хулосае овард, ки бо ин падидаҳои номатлуб бояд дастаҷамъона мубориза бурд. Имрӯз дар ҳама давлатҳои ҷаҳон баҳри мубориза ба муқобили терроризм қонунҳои зиёде қабул шудаанд.

Дар соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» ва соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди ифротгароӣ» қабул шудааст, ки дар онҳо мафҳумҳои асосӣ ва самтҳои асосии мубориза бар зидди ин падидаҳо муайян шудаанд, ки ба талаботи санадҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамчунин, ҳамарӯза аз тариқи васоити ахбори омма мешунавем, ки дар ин ё он давлат амали террористие рух додаасту теъдоди зиёди одамони бегуноҳ, бахусус кӯдакону ҷавонон қурбон шудаанд. Бояд дар ёд дошта бошем, ки ифротгароӣ ва терроризм падидаҳое мебошанд, ки дар ҳама давру замон ба инсонҳо хавфу хатари ҷиддиеро ба миён овардаву меоранд. Бо ин падидаҳои зишт дастаҷамъона мубориза бояд бурд. Чуноне ба назар мерасад, аксар вақт нафароне барои содири амалҳои террористӣ ҷалб мегарданд, ки ҷавонанду дорои саводи паст ё ин ки умуман, аз таҳсил дур мондаанд. Аз ин лиҳоз, моро мебояд пайваста дар пайи омӯзиш ва аз бар кардани донишҳои замонавӣ бошем ва ҳеҷ гоҳ майли ворид шудан ба ин ё он гурӯҳу созмонҳои ифротиро накунем, ки бешак, ин худ як навъ пешгирӣ ва зарбаи сахтест ба ҳадафҳои нопоки афроде, ки ин гурӯҳу созмонҳоро сарпарастӣ ва роҳбарӣ мекунанд.

Мо аз он ки дар фазои сулҳу ваҳдат ҳаёти осоишта ба сар мебарем бояд шукргузор бошем ва меҳнату талоши худро пайваста барои андӯхтан ва аз бар кардани донишҳои замонавӣ равона созем ва ҳеҷ гоҳ роҳ надиҳем, ки моро барои ворид шудан ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳое, ки мақсадашон халалдор намудани фазои сулҳу субот, барангехтани кинаю адоват, ифротгароӣ ва терроризм аст, ҷалб намоянд.

Мақсади аслии терроризм заиф намудани ҳокимият, манфур нишон додани чеҳраҳои гуногуни сиёсӣ дар дохили як кишвар ва ба даст овардани ҳокимият мебошад. Имрӯз терроризм на танҳо ба ҳаёти инсонҳо, балки ба осоиштагию оромӣ, ободии хонадони халқ ва соҳибихтиёрии давлат таҳдид дорад. Ҳифзи ватан, арзишҳои миллӣ, фарҳанги маънавиёт ва ояндаи давлат аз ин зуҳуроти манфии ҷаҳонишуда вазифаи муқаддаси ҳар фарди ватандор мебошад.

Тоҷикистон маҳз тавассути сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар зидди терроризму ифротгароӣ ҳамеша муборизаи беамон бурда, ҷомеаи моро аз ин хатар эмин нигоҳ доштааст. Пешвои миллат аҳли кишвар, бавежа аҳли зиёро дар роҳи ҳифзи арзишҳои миллӣ, минҷумла оромию субот ва истиқлолу хештаншиносӣ масъул ва вазифадор шуморида, ҳамеша таъкид мекунанд, ки дар баробари тарғиби ғояҳои худшиносӣ моҳияти терроризм ва ифротгароиро ба ҷомеа, бахусус барои ҷавонон тафсир намоянд.

Ба андешаи мо, хуб мешуд, ки аҳли зиёи кишвар, муаллимон, имомхатибони масҷидҳо ва дигар табақаҳои ҷомеа дар байни ҷавонон корҳои фаҳмондадиҳиро пурзӯртар ба роҳ монанд.

**М. ҶУМЪА**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

# § 4. Ислоҳоти низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Кодекси нави андоз

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Минбаъд миёни иттиҳодияҳои соҳибкорӣ ва мақомоти андоз доир ба пешбурди дурусти муҳосибот ва самтҳои дигари муносибатҳои андозӣ ҳамкории васеи судманд ташкил карда шуда, ҳароҷоти андозсупорандагон ҷиҳати ҳисоб ва пардохти андозҳои муқарраршуда камтар мегарданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки давлату Ҳукумати кишвар ҳамеша дар пайи кӯмаку дастгирии соҳибкорон-андозсупорандагонанд ва дар Кодекси андоз дар таҳрири нав сабукиҳо нисбати онҳо ба назар гирифта шудааст. Ин аст, ки матни Кодекси андоз дар таҳрири нав бо забони ҳаддалимкон содаю фаҳмо тахия гардида, нисбат ба Кодекси андози амалкунанда шумораи камтари андозҳоро дарбар гирифтааст ва ҳархела тавзеҳ гардидани моддаҳо истисно шудааст, ки ин ба андозсупорандагон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои андозиашон хуб мусоидат мекунад.

Тағйироти асосии фарқкунанда дар таҳрири нави Кодекси андоз нисбат ба Кодекси андози амалкунанда он аст, ки андоз аз фурӯши чакана аз қонунгузории андоз тамоман хориҷ гардид ва андозҳои бо ҳам алоқаманд дар низомҳои махсуси андозбандӣ муттаҳид карда шуданд.

Дар қисмати андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ чунин тағйирот ворид карда шуд:

1) дар мавриди татбиқи нишондиҳандаҳои миёнаи омории музди меҳнат бо мақсади ҳисоб намудани андоз аз даромади кормандони андоз аз даромади кормандони кироя ва андози иҷтимоӣ эродҳо ҷой доштанд. Минбаъд аз 1 январи соли 2013 тибқи Кодекси андоз дар таҳрири нав барои мақсадҳои андозбандӣ маблағи воқеӣ пардохтшавандаи музди меҳнат ба инобат гирифта мешавад;

2) ҳадди татбиқи меъёри камтарини андоз аз даромад (8%) аз 100 сомонӣ то 140 сомонӣ баланд бардошта шуд;

3) тартиби татбиқи шартномаҳо оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата соддатар гардид. Яъне талабот оид ба кушодани пасандози шартии бонкӣ хориҷ карда шуд.

4) то соли 2017 паст намудани меъёри андоз аз фоида барои истеҳсолкунандагон аз 15% то 13% ва барои дигар намуди фаъолият аз 25% то 23% пешбинӣ шудааст.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**



Шоир ва файласуфи немис ҳангоми дидани себҳои пӯсида ҳаловат мебурд.

# Одати аҷиби Фридрих Шиллер

Одатан рӯи мизи кориаш пур аз себҳои пӯсида буд. Ҳёте, дӯсти беҳтарини Шиллер, ин одати шоирро борҳо мушоҳида намуда, аз ин хусус дар дафтари ёддоштҳояш – «Дар бораи тарбияи зебоипарастии инсон» ҳикоя кардааст.

Ба ҷуз назорати себҳои пӯсида боз одатҳои ғайриодии дигар ҳам дошт. Ҳамасрони шоир дар ёддоштҳояшон аз бобати дар тирезаҳо пардаҳои сурх кашидан ва ҳангоми кори эҷодӣ пойҳояшро ба даруни оби хунук гирифтани Шиллер низ ёдовар шудаанд. Чунин рафтору муносибат ба шоир ва файласуф тавону неру мебахшид.

# Сухани ҳакимона

Оянда ба касе тааллуқ дорад, ки медонад чӣ гуна мунтазир нишинад.

x x x

Хонаи бекитоб ҳамчун бадани берӯҳ аст.

x x x

Аз даст додани умеди пуч ва орзуи маҳол, худ муваффақият ва пешрафти бузург аст.

x x x

Хушбахт касест, ки ба яке аз ин ду чиз дастрасӣ дорад: китобҳои хуб ё дӯстоне, ки аҳли китоб бошанд.

x x x

Китоб муаллимест, ки бидуни асо ва тозиёна моро тарбият мекунад.

x x x

Китобҳои муфид онҳое ҳастанд, ки хонандаро ташвиқ ба такмил кунанд.

# Шаҳре бо соати ғайриодӣ



Мусофирони хешро фурудгоҳи Амстердам на танҳо бо тарҳи зебо ва хизматрасонии олӣ, балки бо соати ғайриодиаш низ мафтун кардааст. Чунин ба назар мерасад, ки гӯиё дар дохили соати он касе мудом ҳаракат дорад. «Марди дохили соат» ақрабакҳои онро дар лаҳзаи зарурӣ тоза карда, боз барои ба ҷои дигар кӯчондан, тасвири онро дар дигар мавқеъ мекашад.

Дар аввал дили кас ба ин марди заҳматкаш, ки беист кор карда, дар дохили механизм руст шудааст, месӯзад. Вале, пасон, маълум мешавад, ки ин маҳсули тахайюли дизайнер Маартен Баас буда, дар шакли видеоролик сабт шудааст, ки ба дараҷаи боварнокардани воқеӣ менамояд.

Сабти ролик ба гардиши воқеии соат мутобиқ шудааст. Бинобар ин, ба он на танҳо ҳамчун объекти саргармӣ менигаранд, балки мусофирон аз рӯи амали он вақти парвозашонро низ муайян мекунанд.

# Оё медонед?

Дар Канада 1453 фурӯдгоҳ мавҷуд аст.



Аз ҳама сарҳади дарозтарин дар ҷаҳон ин сарҳад миёни Канада ва Амрико ба ҳисоб меравад, ки дарозиаш 8891 км аст.



# Одамоне, ки бо инсондӯстӣ машҳуранд



**Бисёри мо ҳунарпеша, овозхон ё варзишгари дӯстдоштае дорем, ки фаъолияти касбии онҳоро қадр мекунем. Донистани он ки ин шахсиятҳои машҳур дар зиндагӣ чӣ корҳои нек кардаанд, ба мо хуш меояд.**

Соли 2014 ба унвони футболбоз Криштиану Роналду номае расид. Дар он волидони кӯдаки бемор аз ӯ хоҳиш карда буданд, ки кроссовка ва футболкаеро бо дастхаташ равон кунад, то аз фурӯши онҳо пули ҷарроҳии кӯдаки маризашонро пардохт намоянд. Криштиану на танҳо дархости онҳоро иҷро кард, балки барои ин хонавода ба маблағи 83 ҳазор евро чек ҳам навишт.

x x x

Зоя Кукушкинаи ҳаштсола модел ва шахсияти маъруфест. Ӯ аз синни наврасӣ ба фаъолияти эҳсонкорӣ машғул аст ва аллакай, маблағи 600 ҳазор рублро ба 39 кӯдаки ятим ҷиҳати пайдо кардани оилаашон сарф намудааст.

Зоя дар Сибир ба дунё омада, пас аз муддате ба хонаи кӯдакон интиқол ёфт. Саломатияш, ки хуб набуд, ӯро касе ба фарзандӣ қабул намекард. Аммо, боре видео – анкетаи хурдсолро Татяна Кукушкина дид ва тасмим гирифт, ки духтаракро ба хонаводаи худ орад.

Зоя аз модараш хоҳиш намуд, ки барои сабук гардондани зиндагии кӯдакони ятим ба ӯ ёрӣ расонад. Хонавода коллексияи хусусии либосҳои духтаракро тахти бренди «Zoyakukushkina» таъсис дод. Маблағи фурӯши либосҳо ба бунёди видео – анкета сарф хоҳад шуд.

# Панди рӯзгор

Як шикорчӣ парандаеро ба дом андохт. Паранда гуфт: «Ай марди бузургвор! Ту дар тӯли зиндагии худ бисёр гӯшти гову гӯсфанд хурдай, аммо ҳеҷ вақт сер нашудай. Аз хӯрдани ман ҳам сер намешавӣ. Агар маро озод кунӣ, се панди арзишманд ба ту медиҳам, то ба саодат ва ба хушбахтӣ бирасӣ. Панди аввалро дар дастони ту медиҳам. Панди дувумро вақте ки болои боми хонаат биншинам, мегӯям. Панди савумро замоне медиҳам, ки бар рӯи шохи дарахт биншинам». Мард қабул кард. Паранда гуфт: «Панди аввал ин аст: Сухани ҳеҷ касро бовар макун!» Паранда баъд ба сари бом нишасту изҳор дошт: «Панди дувумамро бишнав: «Ҳаргиз ба он чӣ ки аз даст додӣ, ҳасрат махӯр».

Паранда пас аз он бар рӯи шохи дарахт нишаста гуфт: «Эй бузургвор! Дар шиками ман як марвориди гаронбаҳо ба вазни 20 грамм аст. Афсӯс, он рӯзӣ ва қисмати фарзандонат набудааст, вагарна сарватманд ва хушбахт мешудӣ». Марди шикорчӣ аз шунидани ин сухан бисёр ноороҳат гардид ва оҳу нолааш баланд шуд. Паранда ба ӯ гуфт: «Магар туро насиҳат накарда будам, ки бар он чӣ ки аз даст додай, афсӯс махӯр? Ва ҳам, эй содалавҳ, вазни ман ҳамагӣ 10 грамм аст, чӣ гуна мумкин аст, ки як марвориди 20 - грамма дар шиками ман бошад?» Мард ба худ омаду гуфт: «Эй парандаи доно, пандҳои ту бисёр гаронбаҳост. Меҳоҳам панди сеюмро ҳам бигӯӣ».

Паранда гуфт: «Оё ба он ду панд амал кардӣ, ки панди сеюмро ҳам хосторӣ? Панд додан ба нодоне чун ту мисли он аст, ки дар замини регзор гул шинонӣ».

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ тахти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

**Тел:** 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

**Навбатдор:** Мақсуди НЕЪМАТ

**Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 62937**